The article discusses the burning issues of higher education on the example of the Tajikistan imiversities. It also analyses difficult educational problems in the process of teaching.

А. Паҳлавонов

БАЪЗЕ АҚИДАҲОИ ПЕДЕГОГИИ АБӮАБДУЛЛОҲИ РӮДАКӢ

Устод Рудакӣ на танҳо шоир ва мутафаккири барчастаи Шарқи мусулмонӣ, балки асосгузори адабиёти классикии форсу тоҷик ва поягузори афкори педагогии халқи тоҷик низ маҳсуб мегардад. Ӯ бо асарҳои панду ахлоқӣ-аз ҷумла қасида, рубой қитъа ва газалҳои рӯҳбахшаш ба ташаккули афкори педагогии қарнҳои минбаъдаи таърихӣ нақши бориз гузоштааст. Вале пеш аз он ки оид ба. баъзе ақидаҳои педагогии ин шахсияти таърихӣ ибрози назар карда шавад, лозим аст, ки дар бораи доираи ҷаҳонбинӣ ва ҷаҳонфаҳмии ин шоири шаҳир маълумоти мухтасар диҳем. Зеро ақидаҳои педагогии ӯ ба ҷахонбиниаш вобастагии калон доранд. Аксар тадқиқотчиёни ҳаёт ва эҷодиёти устод Рӯдакӣ аз ҷумла Абдулганӣ Мирзоев ва Маъруфҷон Орифӣ ба ҷаҳонбинии ӯ баҳои муносиб дода, ақидаҳои ӯро оид ба табиат ва ҷамъият пешқадам медонанд. Масалан, устод Айнӣ қайд намуда буд, ки Рӯдакӣ монанд ба як қисм но у мед ва маъюсшудагон намегуфт, ки дунё фонист ва дар ду-се рӯз ба охир мерасад, балки ӯ оламро дар гардиш, тағйирёбӣ, гузаштан аз як вазъият ба вазъияти дигар медонист ва чуноне ки дар касидаи «Шикоят аз пирӣ» ӯ менависад:[11]

Ҷаҳон ҳамеша чашмест, гирду гард он аст,
Ҳамешато бувад оин-ш, гирду гардон буд...
Кухан кунад ба замоне, ҳамон куҷо нав буд,
В а нав кунад ба замоне, ҳамон куҷо хулқон буд.
Басо шикаста биёбон, ки боги хуррам гашт,
Ва боги хуррам гашт, он куҷо биёбон буд.[2]

Пас, ҷаҳонбинии устод нисбат ба замонаш пешқадам буд. Бояд тазаккур дод, ки омили асосии ташаккули ҷаҳонбинии Рӯдакӣ таъсири ҳаёти халки оддӣ, фаъолияти меҳнатии ӯ, муборизаи он бар зидди аҷнабиён ва ҷудоиҳоҳон баҳри истиқлолият ва раҳоӣ ёфтан аз зулму истибдод ва баромадан ба озодӣ мебошад.

---

[1] Айш С., Деҳоти А.П. Устод Рудакӣ.-Сташгаобод, 1940.-е. 24
[2] Осори Рӯдакӣ. - Стаяинобод, 1958.-е. 20

Муборизаи халқи заҳматкаш бар зидди арабхо натиҷаи дилхоҳ дод:озодӣ ва истиқлолият ба даст омад,давлати мустақил ва соҳибихтиёрии тоҷикон ташкил карда шуд. Ин боварии шоирро ба ояндаи кишвари хеш боз ҳам мустахкам кард. Аз ин ҷост, ки Рӯдакӣ ҳаётдӯстиро пеша сохт ва одамонро ба дӯст доштани Ватан ва давлати Сомониён ва пойтахти он -Бухоро даъват намуд. Озодй ва мустакилияти мардуми тоҷик барои шоир аз хама чиз муқаддас аст. Точик дигар мутей дасти аҷнабиён нест:

Имрӯз ба хар холе Бағдод Бухорост,
Куҷо мири Хуросон аст, пирӯзй он ҷост.
Соки, ту бидеҳ бодаву мутриб ту бизан рӯд,
То май хӯрам имрӯз, ки вакти тараби мост.
Май хасту дирам хасту бути лоларухе хает,
Ғам нест в-агар хает, насиби дили аъдост.[23]

Мехру муҳаббати бепоёни Рӯдакиро нисбат ба меҳан мо дар як ғазали дигари ӯ, ки маҳз ба Бухоро бахшидааст, бараъло дида метавонем. Дар ин ғазал у манзарахои дилфиреби диёрашро ҳамчун воситаи таъсирбахши тарбияи эстетикии ҳар як шахеи ватандӯсти тоҷик пешкаш мекунад:

Хар бод, ки аз сӯи Бухоро ба ман ояд,
Бо бӯи гулу мушку насими суман ояд.
Бар ҳар зану ҳар мард куҷо барвазад он бод,
Гӯи магар он бод ҳаме аз Хутан ояд.
Не, не, зи Хутан бод чунин хуш навазад ҳеҷ.
К-он бод ҳаме аз бари маъшуқи ман ояд.,.[4]

Аммо дар охири давлатдории Сомониён бо касофати ҷангҳои дохилй аҳволи халқ бад шудан гирифт. Феодал они махаллй бо андозҳои ба халқ андохтаи хеш бо хар рох даст ба кисаи халки заҳматкаш заданд. Аз ин рӯ, аксар халқи меҳнатй дар қашшоқию нодорй ва беҳуқуқи қарор дошт.

Рӯдакӣ ҳамчун шахеи пешқадам ин нобаробариҳо ва зиддиятҳои сохти ҷомеаро медид ва заҳматкашонро ба сабру таҳаммул даъват мекард ва ба онҳо рӯ оварда мегуфт:

Ин чаҳон поку хубкирдор аст,
Он шиносад, ки дил-ш бедор аст.
Некии ӯ ба ҷойгаҳи бад аст,
Шодии ӯ ба ҷои темор аст.
Чӣ нишинй бад-ин ҷаҳон ҳамвор,
Ки хама кори ӯ на ҳамвор аст
Дониши ӯ на хубу чехрааш хуб,
Зишткирдору хубдидор аст.[5]

---

[3] Ҳам он ҷо; с. 522
[4]Ҳамон ҷо, с. 526
[5]Ҳамон ҷо, с.45

Вале қашшоқию нодории халқ шоирро ором намегузошт.

Барои ҳамин Рӯдакӣ дар як шеъри дигар аз хусуси нобаробариҳои сохти иҷтимоии ҷамъият ва бенавогии халқи заҳматкаш норозигии худро нишон дода гуфтааст:

Басо касо, ки барра асту фархаша бар хон-ш,
Басо касо, ки ҷавин нон хаме наёбад сер.[6]

Рӯдакӣ дар охир ба тарафдории халқ бархеста, зулмкунандагони халқро аз ғазаби худо ва аз рӯзи ҷазо метарсонад, ба онҳо рӯ оварда мегӯяд6

Чун тег ба даст орӣ, мар дум натавон кушт,
Маздики худованд бадӣ нест фаромӯшт.
Ин тег на аз баҳри ситамгарон карданд,
Ангур на аз баҳри набиз аст ба чархушт.[7]

Шоири инсондӯст ба воситаи панду насаҳат ва тарсондан аз ғазаби худо хостааст, ки истисморкунандагони халқро аз зулму таaддӣ боз дорад, то онҳо роҳи некӣ ва накӯкориро пеша созанд.

Чунин фикрҳои пешқадам _ дар таълимоти ахлоқӣ ва тарбияивии Рӯдакӣ кам нестанд. У дойр б а қимат ва аҳамияти омӯхтани илму дониш ва тарбияи наели наврас як қатор фикрҳои пешқадами педагоги баён намудааст. Вале бояд тазаккур дод, ки фикрҳои педагогии дойр ба масъалаҳои тарбия баён намудаи ӯ ба низоми муайян дароварда нашудаанд. Зеро аз ашъори пурғановати Рӯдакӣ то замони мо осори хеле кам боқӣ мондааст, ки аксар фикрҳои педагогии ӯ дар ғазалу қитъа, рӯбоӣ ва касидаҳои парокандаи то замони мо маҳфузмонда ифода ёфтаанд. Аз якмиллиону сесад ҳазор миераъ шеър ҳамагӣ ду ҳазор миераъ боқӣ мондаасту халос. Чунин парокандагӣ, албатта, тадқиқи ақидаҳои педагогии ӯро мушкил мегардонад. Аммо ифодаҳои соддаю пуробуранг, рехта ва сермаънои шоир, ки аксар аз педагогикаи халқӣ об хӯрдаанд, ин душвориро осон мегардонад.

Дар ашъори сар то по ҷанбаи тарбиявидоштаи ӯ масъалаи инкишофи ҳаматарафаи шахсият ва омилҳои асосии тараққиёти ҳамаҷонибаи он мавқеи басо муҳим дорад ва аз фикрҳои пешқадами замони ӯ ҳам ба ҳисоб меравад. У дар ташаккули шахсият се омили асосӣ: тарбия, муҳит ва наслиятро ба асос мегирифт. Ба ақидаи Рӯдакӣ дар ташаккулёбии шахсият муҳит, яъне ҳаёт, таҷрибаи зиндагӣ ҳамчун омил нақши муҳим мебозанд. Ҳаёт, мегӯяд шоир, сарчашмаи дониш аст ва метавонад барои зиндагӣ ва фаъолияти одам чизҳои зарурӣ диҳад. Барои он ки маслиҳат медиҳад Рӯдакӣ, инсон чӣ гуна бояд зиндагӣ кунад, ҳаётро омӯзад. Зеро ҳаёт на танҳо

---

[6] Арипов М. Из истории педагогической мысли таджикского народа. Часть 1., Душанбе, 1962. – стр. 87.
[7] Осори Рӯдакӣ. – Сталинобод, 1958. –с. 45.

манбаи гирифтани дониш, балки омӯзгор ва мураббии бузург аст. Он чи ки одам аз ҳаёт меомӯзад, аз ҳеҷ омӯзгор омӯхта наметавонад.

Ҳар ки н-омӯхт аз гузашти рӯзгор.
Низ н-омӯзад зи ҳеҷ омӯзгор.[38]

Ё худ:

Замона панди озодвор дод маро,
Замона чун нигарй, сар ба сар хама панд аст.[9]

Ин акидаи педагогии Рӯдакӣ дар хусуси омӯхтани тачрибаи зиндагӣ барои ҳаёт ва рӯзгузаронй на танхо дар асри Х, балки имрӯз ҳам ба ахамияти калон соҳиб аст.

Рӯдакӣ мавкеи муҳитро дар ташаккулёбии шахсият нишон дода истода, алоқамандона ба он мавқеи тарбияро инкор намекунад. Аз ин ҷо ӯ наели наврасро даъват мекард, ки муттасил омӯзанд, қобилияти фикрии худро ба ин восита инкишоф диҳанд, имрӯзу фардо бо ёрии акл ба худ рохбарии бомақсадона карда тавонанд. Барои ҳамин Рӯдакӣ ба дониш аҳамияти калон дода, онро аз хама ганҷҳо ва неъматҳои дунё дида киматтар ҳисоб мекунад ва мегӯяд:

Ҳеҷ ганҷе нест аз фарҳанг беҳ,
То тавонӣ, рӯй бар ин ганҷ нех.[10]

Рӯдакӣ ахамияти тарбиявии донишро дуруст қайд намуда, барҳақ нишон медиҳад, ки донишу хирад дар инсон рафтору кирдори оқилонаро ба вуҷуд меоранд. У алоқамандии байни маълумот ва тарбияро нишон дода, онро дар ду миераъ ба таври зайл чамъбаст намудааст:

Марди адабро хирад афзояду ҳикмат,
Марди хирадро адаб афзояду имон.[11]

Аз хама фикри пешқадами Рӯдакӣ дар бораи нақши муҳит ва тарбия дар ташаккулёбии шахсият мантиқан он аст, ки қобилияти дарккунӣ ва сифатҳои ахлоқй дар инсон меросӣ набуда, балки бавуҷудоваранда ва ташаккулдиҳандаанд. Ҳақиқатан онҳо ба таври мерос аз наел ба наел дода намешавад, балки дар зери таъсири муҳит, махсусан тарбия ҳосил карда шуда, инкишоф дода мешавад. Рӯдакӣ худ дар охир ба ҳамин хулосаи мантиқй. омада чунин мегӯяд:

Эй дареғо, ки хирадмандро,
Бошад фарзанду хирадманд не.
В-ар чи адаб дораду дониш падар,
Ҳосили мерос ба фарзанд не.[12]

Дар ҳақиқат дар замони Рӯдакӣ волидоне буданд, ки ба тарбия ва донишомӯзии фарзандон машгул намешуданд ва гумон доштанд, ки хираду дониш гӯё ба таври мерос аз падару модар ба бачагон

---

[8]Ҳамон чо, С.315
[9]Ҳамон чо, с. 315
[10] Ҳамон ҷо,с.393
[11] Ҳамон ҷо.с.27
[12] Хамон чо,сЛ19

мегузашта бошад. Шоир аз ин рӯ, хирадмандонеро, ки таълим ва тарбияи бачатонро кори саҳл хисоб мекунанд да ба донишандӯзӣ ва парваридани сифатхои неки ахлокии фарзандон ҷиддӣ шуғл намеварзанд, мазаммат мекунад.

Рӯдакӣ мухит ва тарбияро дар ташаккулёбии шахсият омили ҳалкунанда шуморида бошад ҳам,вале дар баробари ҳамин таъсири наслиятро дар тараққиёти ҳамаҷонибаи инсон тамоман инкор намекунад.Инро мо дар гуфтаҳои худи шоир ҳам дида метавонем:

То сабрро набошад ширинии шакар,
То бедро набошад бӯё чу дорбӯй.[413]

Б а гуфтаҳои шоир ин ҷо ҳаминро и лова кардан мумкин аст, ки падару модар ба кӯдак ганҳо ҷанинҳои инкишофро медиҳад ва онҳо маҳз таҳти таъсири муҳити иҷтимоӣ ва тарбияи аз ҳар ҷиҳат хуб ташкил карда шуда. ба инкишоф сар мекунанд. Вале аз- «бачае ки камбудии анатомо-физиолога дорад, дараҷаи баланди инкишофи қобилият ва истеъдодро умедвор шудан мумкин нест»[14] Ҳар як бачаро то дараҷаи одами гениалӣ тарбия кардан номумкин аст. Барои тарбияи чунин ашхос заковати табий лозим аст. Ба ҳар ҳол мавқеи Рӯдакӣ дар масъалаи таъин кардани омилҳои асосии тараққиёти ҳаматарафаи шахсият дар шароити таърихи асри Х хеле назаррас аст.

Рӯдакӣ дар маънои шахси ҳамаҷониба инкишофёфта пеш аз ҳама чиро дар назар дошт? Яъне, барои шахе кадом сифатҳо лозим аст, ки ӯ кобилияти мустақил зиндагӣ кардан пайдо кунад? Ба акидаи шоир барои он ки инсон тавонад хурсандона ва оромона зиндагӣ ба сар барад, барои ӯ чор сифат: тани пурқувват ва бедард, хӯи хуш, номи накӯ ва фикри солим лозим мебошад. Касоне, ки аз ин сифатҳо бебаҳра мемонанд, дар ҳаёт ба мушкилиҳо рӯ ба рӯ мешаванд ва мутей дасти дигарон мегарданд:

Чаҳор чиз мар-озодаро зи гам бихарад,
Тани дурусту хӯи неку номи накӯ хирад.
Ҳар он ки эзидаш ин ҳар чаҳор рӯзӣ кард,
Сазад, ки шод зияд човидону гам нахӯрад.[15]

Ҳамин тавр, Рӯдакӣ дар таҳти мафҳуми шахси ҳамаҷониба инкишофёфта одамеро дар назар дошт, ки вай аз ҷиҳати ҷисмонӣ, ахлоқӣ ва фикрӣ ҳаматарафа тараққӣ ёфтааст. Аз нуқтаи назари шоир агар офаридагор ба одами ҷавон ин сифатхоро насиб гардонад, ӯ таҳти роҳбарии бомақсадонаи тарбиятдиҳанда аз чунин сифатҳои наҷиб бебаҳра намемонад.

Барои ҳамин Рӯдакӣ барои инкишоф до дани дараҷаи қобилияти фикрӣ ҷавононро ба омӯхтани илму дониш даъват мекард, то ки онҳо доираи чахонбинӣ ва ҷаҳонфаҳмии хешро васеъ кунонида тавонанд. Ҳол он ки инсон аз нуқтаи назари Рӯдакӣ

---

[13] Хамон чо,с.131
[14.] Орифӣ М.Аз таърихи афкори педагогий халқи тиҷик.-Душанбе.Д962.-с.36
[15] Ҳамон чо,с. 5

табиатан ба дониш гирифтан эҳтиёҷ дорад. Дониш андӯхтан талаботи асосии инсон аст. Ба ақидаи ӯ чй хеле ки тани инсон бе пул, об, замин зиста наметавонад, ба ҳамин монанд рӯҳи ӯ бе дониш хуб инкишоф намеёбад. Ин акидаҳои педагогии ӯ дар он шароит дар қатори ба воситаҳои моддӣ табиатан ба дониш эҳтиёҷ доштани инсон яке аз фикрҳои пешкадами замони ӯ ба хисоб меравад. Гуфтахои шоир исботи фикрҳои болоанд;

Бифнуд танам бар дираму обу замин,
Дил бар хираду илм ба дониш бифнуд.[516]

Ин ақидаи педагогии Рӯдакӣ на танҳо дар шароити асри Х, балки ҳоло ҳам ба аҳамияти калон соҳиб аст. Зеро имрӯз ҳам на ҳама чавонон хоҳиши хондан ва андӯхтани илму донишанд.

Модом ки дониш гирифтан аз талаботи инсон ҳосил шавад, пас ҳама бояд барои илму дониш омӯхтан талош кунад ва дар маълумотгирӣ ҳуқуки баробар дошта бошад. Зеро танҳо илму дониш қобилияти ақли инсонро инкишоф медиҳад ва инсон ҳам бо қобилияти ақпиаш бузург аст.

Ақидаҳои педагогии Рӯдакӣ дар хусуси пайдоиши дониш ҳам аз фикрҳои пешқадами замони ӯ ба ҳисоб мераванд. Аз рӯи нишондоди ӯ аз вақте ки инсоният пайдо шудааст, одамон ба дониш гирифтан эҳтиёҷ доранд. Донишро хирадмандони давру замонҳои гузашта бо забонҳои гуногун эҷод кардаанд ва онро азизу киромӣ доштаанд. Касе, ки дар рохи гирифтани дониш азият кашидааст, баъд афсӯс нахӯрдааст, пушаймон нагаштааст. Зеро дониш роҳи касро мунаввар месозад ва пероҳанест, ки шахсро аз ҳар гуна хатар нигоҳ медорад:

То ҷаҳон буд аз сари одам фароз,
Кас набуд аз роҳи дониш бениёз,
Мардумони бохирад андар ҳар замон,
Роҳи донишро ба хар гуна забон,
Гирд карданду киромӣ доштанд То ба санг-
андар ҳаме бинго штанд.
Дониш андар дил чароги равшан аст,
В-аз ҳама бад бар тани ту ҷавшан аст.[17]

Модом ки дониш бо иштироки намояндагони ҳама халқҳо ва ҳама миллатҳо ба даст омада бошад, пас ин фикри шоир қиммати байналмиллаяӣ дорад ва имрӯз ҳам ба ахамияти хеле калон молик аст. Мантикан дониш барои ҳаёти инсон нихоят зарур аст ва онро таърихи инсоният низ ба исбот расонидааст. Барои ҳамин шоир одамонро бовар ку но ни да, аз онҳо даъват ба амал овардааст, ки муттасил дониш андӯзанд. Ин ҷо мақсади шоир дар ҷавонон нисбат ба дониш ба вуҷуд овардани завқи китобхонй ва ҳосил намудани ;малакаи донишҳосилкунй аст.

---

[16] Ҳамон чоД45
[17] Ҳамон ҷо,с,328

Рӯдакӣ ҳамчун инсони хушбин ҷавононро панд медод, ки нисбат ба дигарон бомулоҳиза ва боандеша бошанд ва ба одамоне, ки нуқсонҳои табиӣ доранд, таънаю маломат накунанд, балки то тавонанд ба онҳо дасти шафқату мурувват дароз кунанд. Хусусияти асосии ҷавонмардӣ ҳам дар ҳамин аст, Мард ба маънои томаш шахсест, ки нафси худро идора мекунад ва мувофиқи талаботи нафс худсарона рафтор накарда, нафсро ба ақл тобеъ месозад.

Гар бар сари нафси худ амирӣ, марди,
Бар куру кар ар нуқта нагирӣ, мардӣ,
Мардӣ набувад фитодаро пой заданд,
Гар дасти фитодае бигирӣ, мардӣ.[618]

Мард танҳо некӣ пеша месозад ва ба дигарон некӣ меорад. Моҳияти ҳаётро устод Рӯдакӣ дар некӣ кардан медонад. Агар ба ҳаёт ба чашми нек бингарем. на ба воситаи ҳис, он гоҳ мебинем, ки олам монанд ба баҳр аст, ки аз он мо фақат ба воситаи киштии бо некиҳо оро дода шуда метавонем, гузарем:

Ин ҷаҳонро нигар ба чашми хирад,
На бад-он чашм, к-андар ӯ нигарӣ
Ҳамчу дарёст в-аз накӯкорӣ
Киштие соз, то бад-он гузарӣ.[19]

Рӯдакӣ саховатмандиро низ тарғиб намуда, ба одамони имтиёзнок рӯ оварда гуфтааст. ки олиҳимматиро пеша созанд, зеро кушодадастӣ аз хусусиятҳои беҳтарини шахеи накӯкор аст. Доро барои ҳамин бояд сарвати худро ба ашхоси камбизоату дармонда тақсим кунад, ба онҳо дасти мадад дароз кунад. Ҳамин тавр, Рӯдакӣ нисбат ба тамаъкорон ва пасҳимматон ба назари нафрат нигариста, ба одамон назарбаландӣ ва олиҳимматиро талқин намудааст,

Некбахт он касе, ки доду бихӯрд,
Шӯрбахт он, ки нахӯрду надо д.[20]

Хасисӣ бошад, қайд намудааст Рӯдакӣ, хислати бад аст, чунки хасис чашмгурусна ва тамаъкор мешавад ва бо ин ба худ ва дигарон зарар меорад. Рӯдакӣ, аз ин рӯ, тавсия медиҳад ва таъкид мекунад, ки аз хасисӣ даст кашидан лозим аст. Танҳо бо ҳамин роҳ лайм ва тамаъкор аз ин хислати бад раҳо ёфта метавонад.

То кай гӯӣ, ки аҳли гетӣ,
Дар ҳастию нестӣ лаиманд,
Чун ту тамаъ аз ҷаҳон буридӣ,
Донӣ, ки ҳама ҷаҳон кариманд.[20]

Дӯстию рафоқат ҳам аз нуқтаи назари Рӯдакӣ барои ҳаёти инсон ниҳоят зарур аст. Дуст ба одам рӯҳан таъсир мебахшад. У

---

[18] Ҳамон чо,е. 328
[19] Қамон чсхс.175
[20] Ҳамон чо,с.56
[21] Ҳамон чо,с. 327

хафагӣ ва хурсандии одамро ба дидори дуст сахт вобаста мекунад ва аҳамияти ба дигарон бастани тарҳи дӯстиро нишон дода мегӯяд:

Ҳеҷ шодӣ нест андар ин ҷаҳон,
Бартар аз дидори рӯи дӯстон.
Ҳеҷ талхӣ нест бар дил талхтар
Аз фироқи дӯстони пурхунар.[22]

Вале дӯст, қайд намудааст Рӯдакӣ, бояд самимӣ, пойдор ва беғараз бошад. Ҳеҷ як низоъ ва баҳси беасос набояд садди роҳи дӯстӣ гардад. Аз ин рӯ, то метавон дӯстиро нигоҳ дошта, онро мустаҳкам намудан лозим аст. Аммо дӯстро, маслиҳат медиҳад шоир, дуруст интихоб намуд, дар ин самт боандеша ва бомулоҳиза шудан лозим аст. Рӯдакӣ ба хубӣ мефаҳмид,ки на ҳар кас дӯсти ҳакиқӣ шуда метавонад. Масалан, ӯ зарурияти ба номард дӯстӣ ва ҳатто наздик нашуданро нишон дода. дар ин хусус менависад:

Морро ҳарчанд бехтар парварӣ,
Чун яке хаиш оварад, кайфар барӣ,
Сифла табъи мор дорад бехилоф,
Ҷаҳд кун, то рӯйи сифла нангарӣ.[723]

Таҳлили баъзе ақидаҳои педагогии Рӯдакӣ нишон медиҳад, ки нақши ӯ дар ҳалли як қатор масъалаҳои муҳими таълиму тарбияи наели наврас хеле калон аст. Ақидаҳои педагогии ӯ махсусан оид ба маеоили инкишофи хаматарафаи шахсият ва омилҳои асосии тараққиёти он, қимат ва аҳамияти омӯхтани илму дониш дар ҳаёт ва зиндагии инсон, зарари хасисию тамаъкорӣ,зарурияти барои инсон пеша сохтани дӯстию рафоқат ва амсоли инҳо аз фикрҳои пешқадами асри Х-и форсу тоҷик ба хисоб мераванд.

А. Пахлавонов

НЕКОТОРЫЕ ПЕДАГОГИЧЕСКИЕВЗГЛЯДЫ АБУАБ ДАЛЛАХ А РУДАКИ

В статье рассматривается некоторые педагогические взгляды основоположника персидско-таджикской классической поэзии Абуабдаллаха Рудакй, которые выражены в основном в форме поэзии.

A. Pahlavonov

SOME OF PEDAGOGICAL IDEAS OF ABUABDULLO RUDAKI

The article considers some of pedagogical views of the founder of Perisan-Tajik' classic poetry Abuabdullo Rudaki, which were formulated in his poems.

---

[22] Ҳамон ҷо. с. 121
23 Ҳамон ҷо,с. 124

Абдураҳимов Қ.С.

МАСЪАЛАИ МАҚОМИ ИНСОН ДАР РИСОЛАИ «ФУТУВВАТ»-И МИР САЙИД АЛИИ ҲАМАДОНИ

Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ футувватро ҳамчун арзишоти ахлоки ҳамидаи инсонӣ тахқиқ намуда, бар он қарор омадааст, ки ба василаи камолоти ин масъалаи ахлокӣ, фарҳангӣ ва маънавӣ дар сиришти инсонҳо ҷомеаро ба дараҷаи камолот расондан имконпазир мебошад. Маҳз ба хотирӣ он ки футувват дорой арзишҳои волои ахлоқӣ мебошад, мутафаккир ба омӯзиш ва истифодаи самараноки он дает задааст.

Амири Кабир дар рисолаи худ бо мақсади тасдиқи андешаҳои хеш ва муҳимияти арзишҳои ахлоқии футувват аз китоби азимушшаъни «Қуръони карим», аз ашъори шоирони гузаштаву муосир мақсаднок истифода намудааст. Аз оғоз то анҷоми рисола мо пай мебарем, ки Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ кӯшидааст ба хонанда мохияту пайвастагии арзишҳои ахлоқии футувватро ба дини ислом, бахусус «Қуръони мачид» нишон диҳад. Чи хеле ки ба оламиён маълум аст, ҷавҳари китоби муқадцаси дини ислом «Қуръон»-ро инсон, макоми инсон ва манфиатҳои инсон ташкил медиҳад. Бинобар ин, ҳадафи ниҳоии Алии Ҳамадонӣ аз навиштани рисолаи «футувват» танҳо тасаввуф набуда, балки кӯшише ба сӯи шинохти инсон, мавқеъ ва макоми ӯ дар зиндагӣ, худшиносӣ ва худогоҳии худи инсон ва ба ин восита шинохти илоҳӣ мебошад. Аз ин лиҳоз, Амири Кабир бо дарки масъулияти бештаре аз пешиниёни худ ин масъала вусъати назар дорад.

Б а ақидаи Ҳамадонӣ дар ҳолате ки инсон аз олами нестӣ ба олами ҳастӣ бо амри худованд омадааст, пас ӯ бояд дар зоҳир ва ботини хеш Худоро ситоиш ва парастиш намояд.

Ҳамадонӣ яке аз роҳҳои наздиктарине, ки инсонро ба Худо наздик менамояд, дар шариат, тариқат, маърифат ва ҳакиқат мебинад в а ба ин васила ӯ мехоҳад, ки инсонро ҳарчӣ тезтар ба шинохти Худованд наздик созад.

Аз мутолиаи осори Амири Кабир бармеояд, ки ӯ дар ҳама ҳолат кӯшиш менамояд мардумро ба рохи роста, росткорӣ ва ҳақиқатпарастӣ, ҳимматбаландӣ ва монанди инҳо ҳидоят карда, арзишҳои беҳтарини ахлоқии инсониро, ки дар раванди башардӯстӣ нақши арзандаро мебозад, тарғибу ташвиқ кардааст.

Нуктаи дигареро, ки Ҳамадонӣ дар раванди худшиносии шахе махсус зикр кардааст ин қудрати рӯҳии инсон мебошад. У қудрат ва тавоноии рӯҳи шахсро яке аз воситаҳои асосӣ дар раванди ба камол расонидани инсон ҳисобида, мардумро ба эътироф ва аз бар намудани маърифату маданияти он даъват кардааст. Дар консепсияи тарбиявии Ҳамадонӣ тарбияи инсони комил, тавоноии

рӯҳи инсон дар раванди мураккаби худшиносӣ ва худогоҳии ҳар як щахс ҷойи марказиро ишгол менамояд.

Мутафаккир одамиро офаридаи Худо дониста онро дар рӯи замин ҳамчун гавҳари покизагию зебоӣ ва чун хуршед дурахшандаю рахшанда медонад ва ҷонибдори ақидае мебошад, ки инсон ба ин мартаба ва куллаи баланд танхо метавонад ба воситаи маърифат бирасад.

Ҳамадонӣ ба гузаштагони худ ба мисли Ҷалолуддини Балхӣ, Саной, Шайх Аттор ва дигарон дар пайи ҷустучӯи вахдати вучуд буда, инсонро ҳамчун офарандаи олиҳаи пок, зебо ва беолоиш медонад ва дар роҳи пайвасти ӯ ба рӯҳи илоҳӣ ва дарёфти ишқи поки он кӯшишҳои зиёде ба харч додааст. Мутафаккир таъкид менамояд, ки инсон танҳо ҳамон вақт ба ишқи поки илоҳӣ мушарраф мегардад, ки маърифатхоҳ, ҳимматбаланд, парҳезгор, ростгӯ, росткавл, саховатманд ва поксиришт бошад.

Таҳлил ва омӯзиши рисолаи «Футувват»-и Ҳамадонӣ аз он гувоҳӣ медиҳад, ки ӯ барои куш ода фаҳмондани паҳлӯхои мураккаби футувват рӯ ба омӯзиш ва таҳлили рисолаҳои мутафаккирони гузашта овардааст. Изофа бар ин, мутафаккир даделҳо оварда, дар асоси он хостааст, ки ҷавҳари инсонгароии рисоларо соддаю оддӣ карда, ба хонанда пешкаш намояд. Аз ин маълум мегардад, ки ҳадафи аслии Ҳамадонӣ аз рӯ овардан ба футуввати гузаштагони худ аз он буд, ки ба ҳамзамонон ва ояндагон паҳлӯҳои нофаҳмои онро таҳлил намуда, моҳияти асосӣ, яъне ба нафъи инсон равона шудани онро кушода диҳад,

Тазаккур бояд дод, ки Ҳамадонӣ рисолаи хешро бо максади таълиму тарбияи инсони дорой сиришти поку зебо, донову хирадманд, боҳиммату саховатманд ва инсондӯсту инсонпавар нигоштааст.

Чи тавре ки маълум мегардад, Ҳамадонӣ дар масъалаи таълиму тарбияи наели наврас на фақат асарҳои бузургони гузаштаро инкишоф додааст, балки роҳу усулҳои парвариши ҳисси инсондӯстии шаХсро пешкаш намуда, ба ин васила онро ба арши волои дарки аслии одаму одамгарой в а расидан ба нури илоҳӣ ҳидоят намудааст.

Қобили зикр аст, ки Ҳамадонӣ таълимоти инсондӯстии хешро ба мукофоту муҷозоти амал дар рӯзи киёмат асос карда, бо ин усул мақому манзалати масъалаи (мавзӯи) инсонро дар рисола дар мадди аввал гузоштааст.

Чи тавре дар боло ишора рафт, Ҳамадонӣ бо максади тасдиқ, раднопазирӣ ва устувории андешаҳои хеш аз номи шахсони бузурги гузашта далелҳо овардааст.

Мутафаккири бузург бо максади тавзеҳи маънӣ ва моҳияти футувват андешаҳои дигар мутафаккиронро ба ҳайси далел истифода бурдааст, аз чумла:

«Шайх Ҳасани Басрӣ (раҳматуллоҳи алайҳи) фармуд, ки футувват он аст, ки душманй куни бо нафси худ аз ҷиҳати ҳак ҷалла ва аъло».

Ё ин ки:

«Шайх Ҳорис Алмухосиб (раҳматуллоҳи алайҳи) фармуд, ки: футувват он аст, ки инсоф ба хама халқ бар худ воҷиб донй ва инсофи худ аз кас наситонй».

Ҳамин тавр, маълум мешавад, ки Ҳамадонй маънии аслии футувватро дар сифати инсонгарии ӯ дониста, мардумро ба сабру таҳаммул, қаноатмандӣ, боинсофй нисбати дигарон, шукргузорӣ ба чизи буда ва мавҷуда, ба манфиати худи инсон даъват менамояд. Ба ақидаи мутафаккир нафси бад ва беинсофӣ нисбат ба дигарон оқибат ба ҳар як инсон бадбахтй меоварад. Бинобар ин, бузургвор моро ба роҳе ҳидоят менамояд, ки он оқибат ба осоиштагй, рӯзгори нек ва бахту саодат меорад.

Ба ақидаи Ҳамадонй футувват ин некй ва хайру эҳсон ба дигарон ва гирифтани пеши роҳи бадию бадкирдорй мебошад, Ё таъкид кардааст, ки ягона роҳе, ки метавонад монеаи бадй гардад, ин некй аст ва танҳо некй метавонад роҳати ҷони бандагони Худо шавад.

Дар рисола бузургвор аз номи яке аз сӯфиёни давр оварда, ки: «Султон Боязиди Бистомй (қаддасаллоҳу рӯҳуҳу) фармуд, ки «Футувват он аст, ки он чи аз ту ба дигарон расад аз эҳсон, агарчи бисёр бувад, онро андак шуморй в а ҳарчи аз дигарон б а ту расад, агарчи андак бувад, онро бисёр донй».

Аз далелҳои дар боло зикрёфта чунин хулоса бармеояд, ки Ҳамадонй то чй андоза муҳим будани масъалаи замони худро хеле хуб дарк намуда, ҳамзамононашро ба ҳалли он даъват намудааст. Аз андешаҳои Ҳамадонй чунин хулоса бармеояд, ки яке аз проблемахои умдатарини давр ин мақому манзалат, ситоиши инсон ва ҳимояи манфиатҳои ӯ ба шумор мерафтааст. Аз ин ҷост, ки мутафаккир рӯ ба масъалаи мазкур овардааст. В а Ҳамадонй гаштаю баргашта таъкид кардааст, ки инсон дар зиндагӣ танҳо ба василаи некию накӯкорй ба мардум метавонад ҳар ду олами хешро зебою озода ва поку беолоиш намуда, умри осудае ба сар барад.

Мир Сайид Алии Ҳамадонй, ки 22 соли умри хешро ба сафари кишварҳои гуногун сарф кардааст, дар ин муддат тачрибаи фаровони ҳаёт омӯхта, қадру қимати некию накӯкорй ва одаму одамгариро хеле хуб дарк карда буд. Аз ин рӯ, беҳуда нест, ки ӯ дар рисолаи «Футувват» мисолҳо ва далелҳое меорад, ки маҳз мавзӯи мақому манзалати инсон в а ҳимояи ичтимоии ӯро дар бар мегирад.

Аз осори Мир Сайид Алии Ҳамадонй ба мо маълум аст, ки ӯ ҳар шахсро ба он даъват менамояд, ки ба воситаи омӯзиш ва шинохти чаҳони маънавии хеш ба дарёфти ҳақиқат ва ишқи илоҳй ноил гардад. Яъне ба ҳамин восита мутафаккир инсонро ба омӯзиш ва таҳқиқи олами маънавии худ водор месозад. Маҳз бо ҳамин роҳ

ва усул' инсонро ба сӯи худшиносӣ ҳидоят менамояд. Ба ақидаи Ҳамадонӣ, инсон қудрати онро дорад, ки бо василаи ақл, хирад ва маърифат ба дараҷаи волои худогоҳиву худшиносӣ бирасад. Инсон қуллаи волои ҷаҳони маънавии хешро, аз нигохи Шохи Ҳамадон, танҳо хамон вақт метавонад фатҳ намояд, ки агар ӯ дар раванди зиндагӣ конуниятхои равоншиносиро пурра риоя намояд.

Гуфтаҳои боло моро водор месозад ба чунин хулоса биоем, ки худшиносӣ ин инсоншиносист, яъне хар як нафаре, ки худро шинохтааст ӯ қобилияти шинохти дигаронро низ дорад.

Аз омӯзиши осори Ҳамадонӣ мо ба хулосае омадем, ки ӯ дастгир ва пуштибони мардуми бечораву бенаво ва дарвешу мискин будааст. Чунин муносибат ба ин табақаи мардум бори дигар аз инсондӯстиву башардӯстии Ҳамадонӣ шаҳодат медиҳад. У хуб мефаҳмид. ки маҳз ҳамин табақаи мардум аз нуқтаи назари ичтимой ба дастгириву ҳимоя аз ҷониби дигарон ниёзманд мебошанд. Дар ин хусус мутафаккир дар рисолаи «Футувват» чунин овардааст: «Эй азиз, ахй бояд ба макорими ахлоқ мавсуф бувад ва ба васоили писандида ороста бошад: бо пирон бахурмат бошад, бо ҷавонон бонасиҳат бо тифлон бошафқат, бо заифон пурҳиммат. бо дарвешон бафазлу боахлоқ ва бо эхсону мурувват».

Ҳамаи ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки осори Ҳамадонӣ саршори ақидахои одаму одамгарой, инсону инсонгаро̄й буда, хонандаи арҷманди худро ба дунёи меҳру муҳаббат, эҳтиром ва эътирофи макому манзалат, ситоиш ва парастиши ҷаҳони бою ғанй ва зебову беолоиши инсон даъват менамояд ва ӯро ба ҳифзи ниёзҳои ичтимоии мардуми оддй ҳидоят мекунад.

Бояд тазаккур дод, ки Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ кӯшиш ба харҷ додааст, ки мақому манзалати инсонро дар осораш ба маротиб баланд бардошта, худи инсонро маҷбур созад, ки нисбати максаду маром, хастӣ ва ниёзҳои ичтимоии хеш чиддӣ муносибат намояд. Ҳадафи ӯ аз ин гуфтаҳо он аст, ки инсон бояд ниёзҳои худро ба василаи худаш ва инсонҳои дигар рафъ намояд, то ин ки ба матлаб дастрасӣ пайдо кунад. Аз ин рӯ, мутафаккир аз ҳар як шахе тақозо кардааст, ки соҳиби ахлоки хами да, маърифати баланд, сиришти поку зебо ва калби беолоиш бошад.

Ба кавли Ҳамадонӣ ҳар як инсон ҳамон вақт метавонад ба қадру қимат, мақсаду мароми ҳастӣ ва дарки ҷаҳони маънавию фархангии хеш бирасад, ки агар ӯ аз асолати худ огоҳ бошад.

Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ рисолаҳои алоҳидаи хешро ба масъалаи таълиму тарбияи наели наврас бахшида. онҳоро ба инсонпарвариву башардӯстӣ, беозориву меҳрубонӣ, хайру саховат, покизагиву поктинаш, гирифтани дасти эҳтиёҷмандон, навозиши ятимону бечорагон ва гайраҳо ҳидоят кардааст.

Яке аз он рисолаҳое, ки мутафаккир ба мавзӯи тарбияи ахлокӣ-маънавии наели ҷавон бахшидааст, рисолаи «Футувват» мебошад. Ин рисола масъалаи инсондӯстй ва башардӯстиро ташкил

дода, дар он маком, ситоиш ва эҳтироми инсон ва инсонгарой дар мадди аввал меистад.

Хулласи калом, бояд хаминро зикр намоем, ки истифодаи самараноки ақидаҳои мутафаккирони бузурги гузашта, аз чумла Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, дар тарбияи наели наврас ва солим гардондани сифати ахлоқӣ ва маънавии ҷомеа аз манфиат холӣ нест.

Абдурахимов К. С.

ПРОБЛЕМЫ МЕСТА ЧЕЛОВЕКА В ТРАКТАТЕ МИР САЙИД АЛИ ХАМАДОНИ «ФУТУВАТНОМА» («КНИГА ГУМАНИЗМА»)

Настоящая статья; посвящена проблеме место человека в трактате Мир Сайид Али Хамадони «Футуватнаме» («Книга гуманизма»). В ней рассматривается такая мысль, что скрупулёзное изучение наследие предков имеет важное педагогическое значение и сыграет особую роль в воспитание молодых поколений.

Abdurahimov Q.S.

PROBLEMS OF THE HUMAN PLACE IN THE TREATISE OF MIR ALI SAYID ALIHAMADONI “FUTUVATNOMA” (“HUMANISM BOOK”)

The article is devotd to the problem of of the human place in the treatise of Mir Ali Sayid Ali Hamadoni “Futuvatnoma” (“Humanism Book”). It considers the idea that scrupulous study of the ancecstors heritage plays the important pedagogical value and role in education and teaching of the new generation.

Л.Ш. Комилов, С.К. Таваров, Ш. Шарифов

О ПСИХОЛОГО-ПЕДАГОГИЧЕСКИХ ВОЗЗРЕНИЯХ СРЕДНЕВЕКОВЫХ МУСУЛЬМАНСКИХ УЧЕНЫХ - ЕСТЕСТВОИСПЫТАТЕЛЕЙ

Обязательным компонентом программы ускорения социально-экономического развития любого общества является инициатива и творчество каждого человека, и его профессиональное мастерство. Воспитание этих качеств во многом зависит от работы общеобразовательной, профессиональной и высшей школы. Школа призвана выявлять использованные резервы роста, заложенные в человеческом факторе, находить пути повышения качества обучения и воспитания, активизации учебного труда школьников и студентов.

Изучение педагогического опыта предшествующей эпохи, с одной стороны, позволяет раскрыть закономерности развития педагогических знаний, на основе которых возможно предупредить повторение ошибок прошлого в современной педагогической деятельности. С другой стороны, эти ошибки могут быть рецидивами ложных идей и теорий, распространенных в предшествующие периоды развития педагогической науки, если, конечно, такие были. Но главное в том, что значение истории развития педагогической мысли позволяет выявить наиболее прогрессивные педагогические идеи прошлого, которые полезно использовать и в наше время.

Анализ существующих исследований показывает, что литературно-поэтическое и философское наследие ученых названного региона в указанный период изучено достаточно подробно.Однако этого нельзя сказать относительно естественнонаучного наследияэтой эпохи. Педагогические взгляды ученых-естествоиспытателей и просветителей средневекового мусульманского Востока также изучено далеко не полностью.

Историко-научные исследования показывают, что ученые-естествоиспытатели средневекового мусульманского Востока, такие, как Абу Абдуллах Мухаммад ибн Муса ал-Хорезми (ок. 780 - ок. 850 гг.), Ахмад ибн Абдуллах ал-Мервази (ок. 770 - 866 гг.), Абу Бакр Мухаммад ибн Закарийа ибн Яхйа ар-Рази (865 - 925 гг.), Абу Махмуд Хамид ибн Хизр ал-Худжанди (ум. ок. 1000 г.), три сына Мусы ибн Шакир - Мухаммад, Хасан и Ахмад, известные в истории науки как братья Бану Муса (IX в.), Абу-л-Аббас Ахмад ибн Мухаммад ал-Фергани (IX в.), Абу Наср Мухаммад ибн Мухаммад ал-Фараби (ок. 870 - 950 гг.), Абу Райхан Мухаммад ибн Ахмад ал-Беруни ал-Хорезми (973 - 1048 гг.), Абу Али Хусайн ибн Абдаллах ибн Али ибн Сина (980 - 1037 гг.), Абу-л-Фатх Гияссиддин Омар Хайям (1048 - 1131 гг.), Ходжа Насир-ад-дин ат-Туси (1209 - 1274 гг.) и др., наряду с вопросами естественных наук своего времени существенное внимание уделяли педагогическим

проблемам-. Несмотря на то. что педагогическая наука в то время еще не выделялась как отдельная наука, но различные его аспекты изучались в тесной связи с естественными и гуманитарными науками того периода.

Следует отметить, что педагогические воззрения ученых-естествоиспытателей и просветителей средневекового мусульманского Востока были высказаны в различной форме: стихов (устных и письменных) и как в форме историко-литературных высказываний, так в форме философских высказываний и наставлений. Например, на средневековом мусульманском Востоке, люди преклонного возраста, которые в народе обычно назывались мудрецами, в своих рассказах, беседах и других формах общения с молодыми и подрастающими поколениями раскрывали значение труда, объяснили сущность различных обрядов, ритуалов, говорили об этических нормах, религиозного поведения.

В устной педагогике часто имеет место изречения и крылатые слова. Так в таджикско-персидском фольклоре сохранились бесчисленное множество пословиц, поговорок и изречений, в которых образно и ярко выражено отношение народа к образованию и воспитанию. Эти изречения не утратили своего значения и в наши дни, их надо заучивать, так как в них кроится мудрость народа. Рассмотрим несколько примеров таджикско-персидских изречений:

«Зиннати шахе илму хунар аст,
Илму хунар хусни дигар аст».

(Человека украшают его талант и знание,
Знание и талант - это особый вид красоты)

Или

«Хунар бех аз мероси падар» - («Лучше иметь ремесло, нежели отцовское наследство».

Или

«Олими беамал - занбури беасал» - («Ученый, не применяющий свои знания на практике похож на пчел, не дающий мед») и т.д.

Нельзя не упомянуть, что начиная с IX в. некоторые ученые-естествоиспытатели как ал-Фороби и Ибн Сина, учитывая потребности общества того времени и социальный заказ качали писать и специальные трактаты по педагогике. В IX X вв. в Хорасане и Мавераннахре существовал и другой вид учебного заведения, который получил название «Байт ал-хикма» («Дом мудрости»). Например, в то время в Хорезме существовала Академия под названием «Академия ал-Ма’муна», основанная в честь правителя Хорезма - Ма’мун ибн Мансура. Эту Академию руководил гениальный ученый-энциклопедист Абу Райхан ал-Беруни. В ней работали крупные ученые того времени из различных стран. В ней велась научная и педагогическая работа такими

учеными, как Абу Сахл Масехи, Абу Али ибн Сина, Абд ал-Хайр ал-Хамар и др.

Следует отметить, что в трудах ученых-энциклопедистов и просветителей средневекового мусульманского Востока наряду с вопросами философии существенное внимание уделялось методу получения знания и образования, принципам обучения, требованиям к самому учителю и т.д. Основные принципы приобретения знания, сформулированные Абу Райханом ал-Беруни могут быть использованы при обобщении теоретических и практических материалов на занятиях по методике частных предметов, в частности, предмета физики, математики, астрономии, химии и биологии. По ал-Беруни «изучение предмета надо начинать с простых элементов». Отметим, что этот принцип реализуется и сейчас при составлении учебников и учебных программ общеобразовательных школ, а также в самом процессе обучения. Он адекватен принципу «От простого к сложному». В частности до изучения предмета «физики» в общеобразовательной школе, учащиеся при изучении «природоведения» знакомятся с простейшими явлениями природы, на первой ступени обучения учащиеся изучают физические явления, рассматривая их в основном на качественном уровне, а на второй ступени обучения структурные элементы системы научных знаний изучаются на более высоком теоретическом уровне.

Ибн Сина также придавал большое значение обучению и воспитанию детей в школе. Этому вопросу он посвящает специальный трактат под названием «Тадбири манзил». В разделе «Омӯзиш ва парвариши фарзанд дар мактаб» («Обучение и воспитание сына в школе») названного трактата он останавливается на вопросе коллективного обучения. По его мнению, коллективное обучение детей в школе имеет ряд преимуществ перед индивидуальным воспитанием. Во-первых, если ученики будут учиться вместе, они избегут скуки, у них возникает желание соревноваться между собой, что способствует лучшему учению. Во-вторых, в беседах между собой ученики обмениваются знаниями, рассказывают друг другу интересные факты, которые они получили из книг или слышали от старших. В-третьих, в детском коллективе обязательно возникает дружба, хорошие отношения, уважение друг к другу. Таким образом, наряду с обучением учителя, дети помогают учиться друг другу сами.

Относительно **вопросов психологических знаний** в трудах мыслителей средневекового мусульманского Востока следует отметить, что в средние века психология еще не была сформирована как самостоятельная наука. Проблемами познания, рассматриваемого с точки зрения психологии, занимались такие ученые как: Абу Юсуф **ибн** Исхак ибн Саббах ал-Кинди (ум. ок. 873 г.), Абу Бакр ар-Рази, Абу Наср ал-Фараби, Абу Райхан ал-Беруни, Абу Али ибн Сина и др. Хотя

специальный трактат по вопросам психологии и тем более педагогической психологии в исследованиях вышеперечисленных ученых мы не наблюдаем, однако в философских и естественнонаучных трактатов наряду с другими вопросами наук того времени, рассматриваются и вопросы психологии. Поскольку -психологическое знание наряду с философскими, естественнонаучными и религиозными вопросами, оно открывало пути эффективного решения вопросов обучения и воспитания подрастающего поколения.

Основные корни интереса ученых и мыслителей средневекового мусульманского Востока к психологии обучения необходимо искать в тех социально-экономических и исторических условиях, в которых они жили и творили. Одним из видных представителей психологической мысли того времени был Абу Бакр ар-Рази. Разрабатываемые им психологические проблемы отражены в трактатах «Китаб ан-нафс» («Книга о привлечении души»), «Рисала фи ал-одат» («Послание о привычках») и другие, где рассматриваются его взгляды на теорию познания и теорию обучения, которые представляют значительный интерес в аспектах рассматриваемой проблемы. По его мнению, чувство вызывает у индивида создание материи. Наблюдение живой материи ведет наше мышление к предположению о существование души. Теория познания, которую излагает ар-Рази, связана с активной творческой деятельностью человеческого разума. Но эта деятельность непосредственно опирается на предварительный чувственный опыт. Абу Бакр ар-Рази строит свою систему познания природы и обучения на основе органов чувств. Чувство, по его мнению, соединяет человека с материальным миром.

Следует отметить, что научное наследие Абу Бакра ар-Рази оказали существенное влияние на психологические взгляды ал-Фороби, Ибн Сина, Носира Хусрава (1004 - 1174 гг.) и других ученых последующего поколения на средневековом мусульманском Востоке.

Известная роль в развитии психологической мысли принадлежит ал-Фороби. В трактатах «О душе», «О силе души», «Книга о разуме», «Трактат о взглядах жителей добродетельного города», «Основы мудрости» и др. отражены его психологические воззрения. В своих трактатах ал-Фороби уделяет особое внимание тем психологическим явлениям, которые связаны с процессом познания человека, окружающего его внешнего мира. По мнению ал-Фороби, все вещи существуют вне и независимо от человека, от ощущения, мышления, познания и т.д. Эти духовные факторы он рассматривает как производные, вторичные как результат отражения, как он выражается, «внешних» предметов. Он считает, что человек, благодаря своим органам чувств, ощущает и отражает объективно существующие и действующие на органы познания материальные объекты, поэтому при обучений основам наук следует, в первую очередь, уделять внимание

чувственно-конкретному восприятию, что в современной дидактике является первым этапом формирования понятий.

Ал-Фороби утверждает, что только человеческий разум определяет истинность. Разум, по его мнению, определяет поведение человека. Высшей добродетелью разума, конечно, является знаняе. Последнее идет от органов чувств, затем постигается в совокупности, выделяя частности. Органы чувств - это те пути, с помощью которых человеческая душа пользуется знаниями. В частности, он утверждает, что «снятие копии» (отображение, познание) происходит двумя способами и с помощью двух средств: непосредственных (с помощью ощущений), и опосредованных (с помощью разума).

Комилов А.Ш., Таваров С.К., Шарифов Ш.

РОҶЕЪ БА АҚИДАҲОИ ОМӮЗГОРИЮ РАВОНШИНОСИИ ТАБИАТШИНОСОНИ АСРИМИЁНАГИИ ИСЛОМИ

Маколаи мазкур ба ақидаҳои омӯзгории донишмандони табиатшиноси асримиёнагии кишварҳои мусулмонӣ бахшида шудааст. Дар мақола дарҷ гардидааст, ки олимони табиатшиноси асримиёнагии кишварҳои исломӣ 6а. таълиму тарбият ҳам дар асарҳои энсиклопедистии худ диққати махсус доданд ва ҳам дар ин масъала рисолаҳои чудогонаи махсус таълиф кардаанд.

Kornilov A.Sh., Tavarov S.K., Sharifov Sh.

ABOUT PEDAOGICAL AND PSHYCOLOGICAL IDEAS OF THE MIDDLE AGES' MUSLIM NATURAL SCIENTISTS

The article is devoted to the pedagogical ideas of the Middle Ages' muslim natural scientists. The article shows that natural scientists of Islam countries paid particular attention to the education and teaching from the two points: 1. in their pedagogical research works; 2. In the process of the research and training in the field of natural sciences.

Гулов Ҳ.М., Комилов А.Ш.

ТОЛИСИ МИЛЕТӢ ВА АҲАМИЯТИ ОМӮЗИШИ ҚАЗИЯИ Ӯ ДАР ФАННИ ҲАНДАСАИ МАКТАБҲОИ ТАҲСИЛОТИ ҲАМАГОНИ

Толис (Фалес, 624-547 п.а.м.)-ро дар таърихи илм яке аз саромадони илми Юнони кадим мешиносанд. Ӯ аслан дар се илм: ҳайатшиносӣ, ҳандаса ва фалсафа шӯҳрат касб карда ва ҳамчунин

асосгузори мактаби илмие бо номи мактаби Ионӣ зътироф гашта буд. Зодгоҳаш шаҳри Милели Юнони қадим аст. Толис дар ҷавонӣ асосан бо корҳои тиҷоратӣ машгул буд, ки ин пешааш ӯро водор сохт ба Миср сафар кунад. Вай ҳангоми тичорат бо дониши мисриён ошной пайдо карда, аз он баҳрбардорӣ кардааст, Хусусан дар риштаи ҳайатшиносӣ, ҳандаса ва фалсафа. маълумбти кофй ва вофй андӯхтааст. Баъди баргаштан аз Миср ӯ мактаби илмиеро, ки номаш ишора рафт ва дар замони зиндагиаш хеле шӯҳрат дошт, асос гузошта буд.

Дар таърихи илми аврупоиасос собит шудааст, ки аввалин маротиба ҳодисаи гирифтани Офтобро маҳз ҳамин Толиси Юнонӣ пешгӯй карда буд.

Ин ходиса 23 майи соли 585 пеш аз милоди Исои Масеҳ рух дода буд, ки он замон Толис 39 сол дошт. Албатта, пеш аз Толис ҳам ходисаҳои гирифтани Офтобу Мох маълум буд.

У ақида дошт, ки ҷирмҳои осмонй (Моҳу Хуршеду сайёраҳо) чисмҳои материалй буда, табиати заминй доранд, танҳо бо ин тафовут ки онҳо аксар аз оташ иборатанд.

Дар илми ҳандаса баёни қазия (теорема)-ҳои зерин ба ӯ тааллуқ доранд:

I. Дар секунҷаи баробарпаҳлӯ кунҷхои расанда бар асоси он бо ҳам баробаранд.



2. Дойра тавассути қутр (диаметр)-и он ба ду ҳиссаи баробар таксим мешавад.



3. Барои муайянкунии секунҷаи дилхоҳ донистани ду кушҷ ва як тарафи он кофист.

4. Кунчҳои амудӣ, ки дар натиҷаи бурриши ду хати рост ҳосил мешаванд, баробаранд.

Бояд гуфт, ки Толис дар асоси ҳамин қазияҳои худ масофаи киштии дар баҳр вокеъ бударо то соҳил муайян карда буд. У усули

муайян кардани баландии пирамидаҳо ва умуман ҷисмҳои гуногунро ба воситаи сояи онҳо низ медонист.

Бинобар баъзе ривоят поёни зиндагии Толис фоҷианок буда, чунин рух додааст. У дар овони пирӣ (синни 77 солагӣ) вақте бозиҳои олимпиро тамошо мекард, ногаҳон зери пои издиҳоми варзишгароне монд, ки дар ҳоли давидан буданд. Бинобар ривояти дигар ӯ аз таъсири нури Офтоб фавтидаст. Ҷасади ӯ дар майдони варзишӣ дафн шудааст. Дар сари қабри ӯ навиштаҷоте бад-ин мазмун ҷсабт шуда буд: «Ҳар қадар. ки ин қабр кӯчак аст, ҳамон қадар шарафу шӯҳрати ин шоҳи ситорашиносон бузург аст».

Ҳоло мо татбики қазияи Толисро барои омӯзиши фанни ҳандаса дар мактабҳои таҳсилоти хамагонӣ дар мисоли ба ҳиссаҳои баробар тақсим кардани порча в а биссектрисаи кунҷ муойина менеамоем.

Дар китоби дарсии «Геометрия» дар бораи ба ду ҳиссаҳои баробар тақсим кардани порча ва сохтани биссектирсаи кунҷ бо ёрии паргор ва хаткашак маълумот дода шудааст, аммо дар бораи ба ҳиссаҳои баробари дилхоҳ (масалан, б а ҳиссаҳои баробари тоқ) ва сохтани биссектриссаи кунҷ бе ёрии паргор маълумот мавҷуд нест. Бинобар ин, мо лозим донистем, ки дар ин бора ба хонандагон маълумот диҳем.

Бо ин максад ду масъалаи геометриро дида баромада, тарзи ҳалли онҳоро ба хонандагон пешкаш менамоем.

Масъалаи яку м.

Порчаи дилхоҳи АВ-ро ба се ҳиссаҳои баробар тақсим намоед.

Ҳал. Кунҷи дилхоҳи 0<еи<90°-ро тавре чойгир мекунем, ки қуллаи он дар яке аз нӯгҳои порчаи додашудаи АВ масалан, дар нуқтаи А воқеъ гардад ва яке аз тарафҳои ин кунҷ порчаи АВ-ро дар бар гирад (расми 1).



Расми 1

Дар тарафи АС-и кунҷи ВАС порчаҳои ба ҳамднгар баробари АК, КҒ ва ҒС-ро'ҷудо мекунем. Аз нуқтаҳои В ва С хати рости ВС-ро мегузаронем. Аз нуқтаҳои К ва Ғ хатҳои рости ба хати рости ВС параллелро мегузаронем, ки онҳо порчаи АВ-ро дар нуқтаҳои М ва N мебуранд. Дар асоси теоремаи Толис порчаҳои АМ, MN ва NB ба ҳамднгар баробар мешаванд. Ҳамин тавр, порчаи додашудаи АВ ба се ҳиссаҳои баробар чудо карда шуд. Айнан бо ҳамин тарз порчаи додашударо ба ҳиссаҳои дилхоҳи баробар тақсим кардан мумкин аст. L

Масъалаи дуюм.

Биссектриссаи кунҷи дода шударо созед.

Ҳал. Бигузор кунҷи ВАС 0°<ВАС <90° дода шуда бошад. Дар тарафҳои АС ва АВ-й кунҷи додашуда мувофиқан нуқтаҳои D ва Е- ро чунон интихоб менамоем, ки онҳо аз қуллаи кунҷ дар масофаҳои баробар ҷойгир бошанд, яъне |*АЙ* -|*АД*| (расми 2).



Расми 2

Нимхатҳои рости *[ДС)* в а [ДJ)кунчи ЕДС-ро ташкил медиҳанд. Дар тарафи ДС-и кунҷи ЕДС порчаҳои ба ҳамдигар баробари ДМ ва МК-ро мегирем. Аз нуқтаҳои К ва Е хати рост мегузаронем ва аз нуқтаи М хати рости ба хати рости КЕ параллелро мегузаронем, ки он порчаи ДЕ-ро дар нуқтаи О мебурад. Мувофиқи теоремаи Толис |*ОД*| - |*ОЁ*| мешавад. Дар секунҷаи АДЕ тарафҳои паҳлӯии АД ва АЕ ба ҳамдигар баробаранд ва нуқтаи О миёнахои тарафи ДЕ мебошад.

Аз нуқтаҳои А ва О нимхати рости [ЛО)-ро мегузаронем, ки он барои кунҷи ВАС биссектриса мешавад, яъне ZEAO = /:ДАО. Айнан ҳамин тавр, барои кунҷи ихтиёрӣ биссектриса сохтан мумкин аст.

Ҳамин тариқ, дар мисолҳои муайян татбиқи теоремаи Толисро боз барои ба ҳиссаҳои баробари дилхох таксим намудани порчаи додашуда ва сохтани биссектрисаи кунҷи додашудаи ихтиёрӣ: бе ёрии паргор нишон додем.

Гулов Х.М., Комилов А.Ш.

ФАЛЕС МИЛЕТСКИЙ И ЗНАЧЕНИЕ ИЗУЧЕНИЯ ЕГО ТЕОРЕМЫ В КУРСЕ ГЕОМЕТРИИ СРЕДНИХ ШКОЛ

В данной статье в краткой форме рассматривается геометрические теоремы древнегреческого ученого Фалеса Милетского (624-547 гг. до н.э.) с конкретными примерами для курса геометрии средних школ.

Gulov H.M., Kornilov A.Sh.

PHALES MILETUS AND IMPORTANCE OF HIS THEOREM IN THE SECONDARY SCHOOLS GEOMETRY COURSES

This article briefly considers geometric theorems of the Ancient Greek scientist Phal.es Miletus (624-547 BC) with concrete examples for secondary schools geometry'- courses.

Ҳасани Муродиён

ИСТИФОДАИ ТАХАЙЮЛИ БАДЕЙ ДАР «ФАРАСНОМА»-И БЕДИЛ

Дар миёни таълифоте, ки оид ба дилбастагии инсон нисбат ба асп барин ҳайвони безабони дилқарини мардумон рӯйи кор омадаанд. «Фараснома»-и Мирзо Абдулкодири Бедил кимати баланди бадеиро молик аст.

Ногуфта намонад, ки Мирзо Абдулқодири Бедил дар байни ахтарони тобони адабиёти чаҳоншумули форсии тоҷикӣ алломаест. ки бо анвори нурполояш уфукҳои дурдасти назму насри моро рӯшан месозад. Хонандаи тоҷик то кунун мутафаккири беназир, шоири кабири форсигӯи Хдндустон, алломаи ҷалолатмақом Мирзо Абдулқодири Бедилро ҳамчун муаллифи «Дебоча», «Ирфон», «Тӯри маърифат», «Нукот», «Ишорот ва ҳикоёт», «Руқаот», «Чор унсур», «Мухити аъзам», «Тилисми ҳайрат», «Ғазалиёт». «Рубоиёт», «Қасоид», «Қитъаот», «Таркибот ва тарҷеот», «Ташбеҳот ва тамсилот» барин осори ҷаҳоншумул мешиносад. Вале дар байни осори манзуми Мирзо Абдулкодири Бедил бо номи «Фараснома» маснавие -низ мавҷуд аст, ки қисми ками хонандагони тоҷик аз мавҷудияти он огоҳӣ доранд, чунки ин асар дар Ҷумҳурии Точикистон бо хатти кириллӣ то ҳол рӯи чопро надидааст. «Фараснома»' дар ҷилди саввуми «Куллиёт»-и Бедил, ки аз «Маснавиёт»-и Мавлоно Абдулмаонӣ Абдулқодири Дехлавӣ

фароҳам омадааст ва бо тасҳехи Акбари Бедорванд ва Парвиз Аббоси Доксшй соли 1376 дар Теҳрон ба нашр расидааст, чой дода шудааст.[81]

Воқеан, фарас-калимаи арабй буда, маънои аспро дорад. Ин калима дар назм ва насри классики фаровон иетифода шудааст.

Ба эҷоди «Фараснома» пардохтани Бедил тасодуфй набуд. Мавсуф авлодан сипоҳй буд ва гузаштагони ӯ ба аспсаворию шамшерзанй рағбати бепоён доштанд. Худи шоир низ аз рӯйи шарҳи ҳолаш чанде сипоҳй будааст ва ба асп дилбастагии самими доштааст. Бинобар шаҳодати Бедил устодаш ШОҳкобулй низ бо асп мегашт ва аспсавориро дуст медошт. Амакаш Мирзо Қаландар ҳатто дар мавриди зарурат аспро пуштора карда мебурдааст.

«Фараснома» дар баҳри «Шоҳнома»-и Фирдавсй- мутакориби мусаммани максур ва маҳзуф эҷод шудааст:

Шабе дар / ҷунунзо / ри дашти / хаёл
Дил аз бе / худй дош / т ҷавло / ни ход.
V - - / V - - / V - - / V -
V - - / V - - / V - - / V -
фаӯлун / фаӯлун / фаӯлун / фаӯл (фаул)

Маълум аст, ки «Шоҳнома» дорой хатти сужет буда, тавсифи асп вобаста ба ситоиши рисолати паҳлавонию далерй ва диловарии соҳиби он оварда шудааст, яъне асп бо савораш ситоиш шудааст. Масалан, дар «Шоҳнома» Рахшро танҳо бо шаҳсавору зимомдори он-Рустам метавон тасаввур кард, аммо Бедил аз овардани сужети дилбазан, саргузаштҳои тӯлонй перомуни чонфидоиҳои асп худдорй кардааст ва танҳо тавассути тахайюли бадей сифатҳои зоҳирии аспро мавриди тавсиф қарор додааст. Аз ин нигоҳ асар аз мукаддимаи муфассал (201 мисраъ) оғоз ёфта, сипае, шоир дар таърифи сари асп (28 мисраъ), гардани асп (34 мисраъ), ёли асп (66 мисраъ), фарбеҳиии асп (58 мисраъ), пешонии асп (48 мисраъ), даҳону дандони асп (30 мисраъ), чашми асп (36 мисраъ). гӯши асп (28 мисраъ), дами асп (36 мисраъ), мӯйи асп (36 мисраъ), думи асп (24 мисраъ), суми асп (56 мисраъ), овози асп (89 мисраъ) ва хотима «16 мисраъ» мебахшад. Ин асар чамъулҷамъ аз 780 мисраъ фароҳам омадааст.

Шоир дар муқаддима оид ба ҳолати эҷоди маснавии «Фараснома» изҳори ақида менамояд ва хонандаро бо зикри калимаи «шиҳа» ҳушдор менамояд, ки дар ин маснавй сухан аз асп ибтидо мегирад:

Сарири қалам шиҳа бунёд кард,
Гаравтозии фурсат иршод кард.
Таки бодпое шунидам зи дур,
Ки меомад афшонда сомони сур.[2]

---

[1] : «Куллиёт»-и Бедил Мавлоно Абулмаони Абдулқодири Деҳлави. Ҷилди саввум (Масяавиёт).- Теҳроя, 1376. Ботасҳеҳи Акбари Бедорванд, Парвиз Аббоси Доконӣ, с.292-806.
2Ҳамон ҷо, с.792.

Аҷибаш он аст, ки асар бо шиҳаи асп оғоз ёфта, бо тавсифи овози (шиҳаи) асп анҷом меёбад.

Шоир васфи аспро аз Буроқ оғоз менамояд. Воқеан, Бурок калимаи арабй буда. Номи аспи афсонавиест, ки гӯё ҳазрати Мухаммад (с) дар шаби меъроҷ ба он савор шуда, аз Макка то Байту лмуқаддас ва аз ҷо ба осмон рафтааст.[93] Тахайюли бадеии шоир дар ин лаҳзаи нозук чунон ғалаён мекунад, ки ӯ Буроқро танҳо дар осмон в а чун бод паррон мебинад:

Суроғаш на сар-сар, на бод оварад,
Магар рафтан аз худ ба ёд оварад. (с.793).

Деги шавку шӯри асппарастии шоир ба шӯр меояд, ки Буроқро як сӯ гузошта, зимоми андешаро сӯйи Рахш сар медиҳад ва ӯро муҷиби зиндагӣ ва бақои ҳастй алайҳи нести медонад:

Замин он қадарҳош ҷуръат куҷост,
Таҳи пош то паст шуд, барнахост (с.293).

Ногуфта намонад, ки дар луғот Рахш ранги сиёҳу сурхи ба ҳам омехта ва баъзе гӯянд рангест миёни сиёҳу бур. Чун аспи Рустам Рахш гуфтандӣ ва маҷозан ҳар аспро Рахш гӯянд.[4]

Шоир наъли аспро ба моҳи чаҳордаҳ мушобеҳ дониста, онро ҳатто манбаи илҳоми моҳи нав мепиндорад:

Махи нав фалакҳо намудаст тай,
Ки шакли наълаш расондаст пай (с.793).

Бедил лаҳзаи давидани аспро хеле устокорона муболига кардааст ва муболиғаҳояш хеле гуворо ва дилкаш садо медиҳанд: Заминро ба сад чарх паҳлу расад,
Ки гарди сумаш то ба зону расад.
Зи тезии рафтори ӯ дам задан Кунад
қатъ то хашр роҳи су хан (с.293).

Бедил вожаи «ҳино»-ро ба чандин ранг дар назари хонандаи закй ҷилва медоронад ва бо ҳамин минвол онро ба суми асп (ҷиҳати сурхӣ) ташбеҳ медиҳад:

Зи бас тавсани ваҳшаташ саркаш аст,
Зи ранги ҳино наъли дар оташ аст (с.394).

Бедил тахайюли бадеиро дар либоси муболига чунон моҳирона истифода мекунад, ки аз мутолиаи он кас ба ваҷд меояд ва ба асп мафтун нашуда наметавонад:

Мусаввир даме, ки ин шамоил кашад,
Ки ҳар узви ӯ бурдани дил кашад.
Чу аз пайкараш нуқта ронад забон,
Заминро занад бар сари осмон (с.795).

---

[3] Фарҳанги забони точикй. Иборат аз ду ҷилд. Ҷилди 1.-М.: Советская энциклопедия, 1969, с. 214.

[4] Ғисуллуғот. – Душанбе, 1987. С. 368.

Шоир лаб бар тавсифи хами гарданй асп кушода, онро аз хами шохи тӯбӣ-дарахти маскуни биҳишт ҷавонтару қашангтар мепиндорад:

Ба ҳар ҷо ҷавониш гардан кашид,

Хами шохи тӯбӣ ба пирй расид (с.796).

Пасон баёзи гарданй аспро ба хами абрӯи хубон қиёс намуда, дарҳардуи онҳо низ ҷавҳари якхеларо мебинад:

Дар абрӯи хубон ҳамин ҷавхар аст,

Ки аз чашму мижгон хамаш бартар аст (с.796).

Мурғи илҳоми шоир сӯи думи асп парвоз мекунад ва ӯ ба таърифи он мепардозад, чунки ба қавли шоир:

Думи ӯ ба ҳар ҷо алам мешавад,

Сари тоқи товус хам мешавад.

Бутонро аз ин пайкари дилшикор

Ҷафо хӯрда абрӯи думболадор.

Чу фавворaибрат нумӯ мечакад,

Зи шарми баландӣ фурӯ мечакад (с.803).

Шоир думи аспро ба чизҳое монанд кардааст, ки ақли кас ҳайрон мемонад. Агар дар абёти болой думро ба алам (байрақ), тоҷи товус, абрӯи думболадори бутон, фаввора ташбех дода бошад, дар мисраъҳои баъдӣ думи сарозерро ба барки ҷорӯби оташбадаст, ба гирдоби зуннорбанд ва ҳар муйи думро ба найзаи душоха (дурбош) монанд кардааст:

Сар афканданашро маяндеш паст,

Ки баркест ҷорӯби оташбадаст (с.803).

Сайри хаёлот дар Бедил хеле фаъол аст. У аз ҳеҷ чиз ташбех месозад. Ташбеҳҳое, ки дар тасаввури хонанда намеғунҷад. Масалан, у думро ба мим ва сумро ба син монанд кардааст, ки хеле ташбеҳи аҷиб ва зебо аст:

Манаш дил зи дун бо лай мими дум,

Машав гофил аз согари сини сум (с.803).

Гумони ғолиб он аст, ки хонанда баъди мутолиаи ин мисраъҳо мафтуни асп нашу да наметавонад. Тасаввур кунед, ки асп хиромон чун нозанинон бовиқор қадам мезанад:

Ба ҳар гом , к-ин нозанин мезанад,

Чу мастон қадаҳ бар замин мезанад (с.803).

Бедил бо маҳорати баланди шоиронаи ба худ хос мамдӯҳи худ-аспро нозанин меномад ва қадаммонии онро ба манзараи қадаҳро бар замин задани мастон, лаҳзаи хиромида гомзании «нозанин»-ро аз рақси кабутар ҳам зеботару гиротар, аз ҷилваи товус хушрӯтар ва изи сумашро аз моҳи ҳилол ҳам баркамолтар шумурдааст. Шоир аз чунин тасвирҳои зебо нисбати асп хуморшикан намешавад ва ба гумони голиб байти поёнй нуқтаи баландтарини тавсифи лаҳзаи давидани «нозанин» аст:

Битозад агар аз камини сухан,

Намонад замин дар замини сухан (с.804).

Ба ҳамин тариқ, «Фараснома»-и Мирзо Бедил дар таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ ягона маснавиест, ки дар он асп бо тамоми сурату сираташ б о сабку услуби ба худ хос сифот шудааст. Эҷоди «Фараснома» барин асар аз ҷониби Мирзо Бедил ва ба риштаи назм кашидани ҳусни дилрабои асп барин чорпои саворӣ ва дастомӯзи инсон гувоҳи он аст, ки мардуми эронитабор аз аҳди кадим то кунун ба асп дилбастагии қавӣ доранд. Ҳақ бар ҷониби муаллифи «Наврӯзнома» У мари Хайём аст, ки гуфтааст: «Ба рӯзгори пешин дар асп шинохтан ва ҳунару айби эшон донистан ҳеҷ гурӯҳ беҳ аз Аҷам надонистандӣ: аз баҳри он, ки мулки ҷаҳон аз они эшон буд ва ҳар куҷо дар Арабу Аҷам аспи некӯ буди, ба даргоҳи эшон ованданд».[5]

Хасан Муродиён

ИСПОЛЬЗОВАНИЕ ХУДОЖЕСТВЕННОЙ ФАНТАЗИИ В ПРОИЗВЕДЕНИЕ БЕДИЛ «ФАРАСНАМЕ» («КНИГА О ЛОЩАДЕЙ»)

В данной статье рассматривается использование художественной фантазии в известном произведение персидско-таджикского поэта и философа Бедиля XVII-XVIII века «Фараснаме» («Книга о лошадей»).

Hasan Murodiyon

USING ARTISTIC IMAGINATION IN THE WORK OF BEDIL “FARASNOMA” (“BOOK OF HORSES”)

The book discusees the problems of using artistic imagination in the work of Bedil “Farasnoma” (“Book Of Horses”).

Сатторов А.Э., Махкамов К.Ш., Максадов Х.И.

ПЕДАГОГИЧЕСКИЕ ИДЕИ АБУНАСРА АЛ-ФОРОБИ

Во всех исторических формациях развития общества воспитание и образование занимали важное место. В том числе, в средневековом исламском мире. К тем, или, иным вопросам этого важного процесса были посвящены множество научных трудов и поэтических произведений ученых и философов.

[5] Мирбобо Миррахим. Ҷашни Наврӯз ва ҷаҳоншиносӣ. – Душанбе: Ирфон, 1992. С. 15.

Как -известно, этот период в некоторых литературах оцениваются как «мусульманский Ренессанс», «исламское Возрождение», которые выражают заметное развитие науки, культуры. Представителями этого периода являлись такие великие мыслители как Абу Абдаллах Мухаммад ибн Муса ал-Хорезми (783-850), Ахмад ибн Мухаммад ибн Катир ал-Фергани (IX в.), Абу Махмуд ибн Хизр ал-Худжанди (ум. в 1000 г.), Абу Али ибн Сино (980-1037), Абу Райхан Мухаммад ибн Ахмад ал-Беруни (973-1048), Омар Хайям (1048-1131) и многие другие. Среди этой плеяды ученых и мыслителей особое место занимает таджикско-тюркский ученый-энциклопедист Абу Наср Мухаммад ибн Мухаммад ибн Узлуг ибн Тархун ал-Фороби (873 - 950), известный как Второй Учитель (после Аристотеля), который оставил очень богатое творческое наследие и как считают историки, количество его работ колеблется между 80 и 150. По объему они разные и среди них есть такие, например, как «Трактат о взглядах жителей добродетельного города», который содержит 37 самостоятельных глав, т.е. трактат большего объема.

По содержанию этих работ можно разделить на следующие группы:

1. Трактаты по общефилософским проблемам;
2. Трактаты, посвященные философским аспектам познавательной деятельности человека;
3. Трактат о предмете, содержании и тематике философии и различных конкретных наук:
4. Трактаты по математическим наукам, что тогда ими являлись: арифметика, геометрия, астрономия и музыка. Перечислим некоторые трактаты ал-Фороби относящиеся к этой группе: «Книга об объеме и количестве», «Книга введения в пространственную геометрию», «Книга о правильных и неправильных правилах астрологии», «Большая книга о музыке», «Слово о музыке» и др.
5. Трактаты по естественным наукам: физике, химии, оптике, медицине, биологии и др.
6. Работы по лингвистике, поэтике, риторике, каллиграфий.
7. Трактаты по государствоведению, юриспруденции, политике, этике, педагогике и другим общественным наукам.[1]

Эти труды показывают его как разносторонне развитим ученым, действительным энциклопедистом своего времени, что недаром он был назван «вторым учителем» («ал-муаллим ас-сани»). Немецкий арабист и историк философии Ф. Детерици, издавший 1890-1995 гг. трактаты ал-Фороби, считал, что Абу Наср ал-Фороби является основоположником арабской философии, на идеях которого базировались последующие мыслители. Как мы видим выше, он написал работы по педагогике

[1] Хайруллаев М.М. Абу Наср ал-Фараби- М.: Наука., 1982

«Трактат о взглядах жителей добродетельного города», «Добродетельные нравы» и «Трактат о достижения счастья».

На получение знания, к познанию мира ал-Фороби уделяет особое внимание и он в своей работе «Комментарии к трудностям во введениях к первой и пятой книгам Евклида» разделяет знания на те, которые возникают при непосредственном участии чувств (конкретные), и на те, которые приобретаются только разумом (абстрактные).

Следует отметить, что знания по математике до XIX века, получили из «Начала» Евклида (III в. до н.э.), которое состоит из 13 книг, и здесь важное место занимает V постулат из первой книги. Из названия трактата следует, что ал-Фороби был хорошо знаком с этим известным произведением Евклида. ал-Фороби разделяет все известные знания на теоретические и практические и в «Книге указания пути к счастью», затем в своем фундаментальном труде «Книга о классификации и определении наук» («Китаб фи ихса ал-улум ва ат~та'риф») он изучает разновидность человеческого знания. Здесь он пишет: «Все то, что содержится в этой книге, полезно, так как если человек пожелает изучить и рассмотреть одну из этих наук, то он будет знать, с чем начать, что именно следует изучить, что годно, а что негодно для изучения и какой степени он достигает. Таким образом, его подход к наукам будет зиждиться на знании и разуме, а не на слепоте и невежестве»[102].

А в трактате «О достижении счастья» он пишет: «... Человек должен обладать прекрасном пониманием и представлением сущности вещей, и более того, он должен быть сдержанным и стойким в процессе овладения [науками], должен по природе своей любить истину и ее поборников, справедливость и ее приверженцев, не проявлять своенравия и эгоизма в своих желаниях, не быть жадным в еде, питье, от природы презирать страсти, дирхемы и динары и все подобное этому. Он должен соблюдать гордость в том, что порицается людьми, быть благовоспитанным, легко подчиняться добру и справедливости, обладать большим благоразумием...»[3]

Как видим из высказываний великого мыслителя, он на людей, желающих получит знания, возлагает нравственную чистоту, всегда делать людям добро и учить их делать добро.

ал-Фороби отмечая важность получения знания, и указывая большую роль различных наук в процессе познания мира, все же считает недорешимым отдельные вопросы и это звучит в следующих его строках на его родном языке - таджикском (персидском) языке:

Асрори вучуд хому нопухта бимонд.
В-он гавхари бас тариф носуфта бимонд.
Хар кас ба далели акл чизе гуфтанд,

---

[2] Аль-Фараби. О разуме и науке. - Алма-Ата: Наука, 1975. - С.55.

[3] Аль-Фараби. Социально-экономические трактаты. - Алма-Ата: Наука, 1970.'- С..345-346.

Он нукта ки асл буд, ногуфта бимонд.[112]
(«Тайна бытия осталось нераскрытой
Этот драгоценный бриллиант остался необработанным
Каждый что-то высказал о нем согласно своему разумению
Но главный вопрос остался нерешенным»)

Многие современные педагогические принципы воспитания сочетаются с принципами, выдвинутыми ал-Фороби. Например, в воспитании человека в коллективе, ал-Фороби считал, что только во взаимосвязи с другими людьми, только в социальной группе человек может существовать, жить и достичь морального совершенства. Причиной приводящей людей к объединению, является потребность в удовлетворении своих материальных и духовных нужд. В этой связи он пишет: «По природе . своей каждый человек устроен так, что для собственного существования и достижения наивысшего совершенства он нуждается во многих вещах, которые не может доставить себе один и для достижения, которых нуждается в некоем сообществе людей, доставляющих ему каждый в отдельности какую-либо вещь из совокупности того, в чем он испытывает потребность. При этом каждый человек по отношению к другому находится точно в таком положении. Вот почему лишь через объединение многих помогающих друг другу людей, где каждый доставляет другому некоторую долю того, что необходимо для его существования, человек может обрести то, совершенство, к которому он предназначен по своей природе»[3].

При формировании человека в соответствующем направлении мощным средством является, как считает ал-Фороби, воспитание и обучение. Благодаря этим принципам, молодой человек преобретая нравственные и интеллектуальные качества может достичь совершенного счастья. Обучение - это усвоение основ различных наук, теоретического знания посредством учения. Воспитание - это деятельность учителя, направленная на выработку у молодых людей нравственных норм и практических навыков для овладения ремеслом (искусством). ал-Фороби пишет: «Обучение - это наделение теоретическими добродетелями народов и городов. Воспитание - это способ наделения народов этическими добродетелями и искусствами, основанными на знаниях».

Он и на учителя налагает определенные условия и в этой связи пишет: «Норма поведения преподавателя заключается в том, что он не должен проявлять ни излишней строгости, ни чрезмерного потворства, так как суровость восстанавливает обучающегося против своего наставника, а потворство приводит к неуважению его персоны, нерадению к его преподаванию и его науке. С его стороны необходимы

---

[2] Ризохулихан Хидоот. Маджму ' ал-фусаха. - Тегеран, 1878. - С. 83 (на перс. *яз.).*
[3]Фараби. Трактат о взглядах жителей добродетельного города // В кн. Григорьян С.Н. Средневековая философия народов Ближнего и Среднего Востока. - М.: Наука, 1966,

усердие и настойчивость, ибо они, как говорят, подобны способности воды, капля за каплей пробивающей камень. Очень важно также ограничивать свои занятия одной наукой, ибо усиленные занятия различными предметами приводят к беспорядку и нарушению системности»[1].

А молодым людям, приступающим к изучению наук, ал-Фороби предлагает быть «скромным, иметь хорошее здоровье, быть нравственным и воспитанным, принципиальным, далеким от хитрости и обмана, воздерживающимся от дурных поступков, с уважением относиться к людям науки», т.е. он считает, что «знание должно быть украшено хорошим поведением».

Сатторов А.Э., Махкамов К.Ш., Мақсадов Ҳ.И.

АҚИДАҲОИ ОМӮЗГОРИИ АБӮНАСРИ ФОРОБӢ

Дар мақолаи мазкур баъзе аз ақидаҳои омӯзгории донишманди овозадори турку тоҷик Абунасри Форобӣ (873 - 950) мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Sattorov A.E., Mahkamov K.Sb., Maksadov H.I.

THE PEDAGOGICAL IDEAS IN THE WORK OF ABUNASR AL-FOROBI

The article is devoted of the pedagogical ideas in the mathematical works of Al-Forobi

Хуҷабӣ Каримова

ТАЪБИР ДАР РУБОИЁТИ АБӮАБДУЛЛОҲИ РӮДАКӢ ВА АҲАМИЯТИ ОМӮЗИШИ ОН

Қофиласолори шеъри порсии дарӣ (тоҷикӣ) - Абӯабдуллох Ҷаъфар ибни Мухаммад Рӯдакии Самарканда (858 - 941), ки соли равон 1150 солагии ӯ дар пойтахти Тоҷикистон дар сатҳи байналмилалӣ ҷашн гирифта мешавад, аз худ мероси гаронбахое боқӣ гузоштааст. Бино бар ақидаи шоирони пасин монанди Низомии Арӯзии Самарканда ва Рашидиддини Ватвот устод Рӯдакӣ аз худ осори зиёде боқӣ гузоштааст, ки миқдори мисраъҳои он бар 1300 000 мерасидааст:

---

[1]Фараби. О том, что должно предшествовать изучению философии // В кн. Маджму’ ал-Фараби. - Каир. 1907. - С. 13.

Шеъри уро баршумурдам сездаҳ раҳ сад ҳазор,
Ҳам фузун ояд ҳаме, чунон ки бояд бишмарӣ.

Ва аз ҷиҳати мазмуну -мӯҳтаво ашъори ӯ чунон рангину гуногунпаҳлӯ ва тарбиятомезу пандпазир ва андархури ҳамагон будааст, ки ӯро бар сари ҳамаи шоирон сарварӣ зебанда будааст:

Гор сарӣ ёбад ба олам кас ба некушоирӣ,
Рӯдакиро бар сари он шоирон зебад сарӣ.

Мутаассифона, ашъори ӯ то замони мо ба пуррагӣ нарасидааст, вале ҳаройина, он осори бокимондаи устод Рӯдакӣ худ гувоҳи он аст, ки ҷаҳонбинии ӯро матраҳ намоем.

Таҳлили баъзе аз ашъори ҳикматбори устод Рӯдакӣ нишон медиҳад, ки ӯ дар эҷодиёти худ дар баробари мавзӯъҳои таърихию фалсафӣ ва бадеию лирикаи ошикона, ичнунин ба масъалаҳои муҳими таълимиву тарбиявӣ диққати махсус додааст, ки ҳамеша андархури ҷомеа буда, барои тарбияи наели еаврас аҳамияти хоса дорад.

Дар мақолаи мазкур, ҳамчун намуна, мо мавқеи таъбирро аз эҷодиёти устод Рӯдакӣ танҳо дар чанде аз рубоиёти ӯ мавриди барраей қарор додаем, ки чи барои хонандагони мактабҳои таҳсилоти ҳамагонӣ ва чи барои донишҷӯёну унвонҷӯёни мактабҳои олӣ аз аҳамияти муҳими омӯзиши холӣ нест.

Ин ҷаҳонро нигар ба чашми хирад,
Не бад-он чашм, к-андар у нигарӣ.
Ҳамчу дарёст в-аз накӯкорӣ
Кишиие соз, то бад-он гузарӣ.[1]

Ин яке аз рубоии машҳури устод. Рӯдакист, ки ҳатто дар мактабҳои таҳсилоти ҳамагонӣ омӯзонида мешавад. Маълум аст, ки дар забони тоҷикӣ таъбир бо истифодаи калимаи «чашм» хеле зиёд аст, аз қабили «чашми бад», «чашми чор», «чашми танг» ва ғайра. Максуд аз «чашми хирад»-и устод Рӯдакӣ ин ҷо «ақлона рафтор намудан», яъне дар зиндагӣ хирадмандона амал намудан аст.

Зеҳ доноро гӯянд, ки донад гуфт,
Ҳеҷ нодонро дананда нагӯяд зеҳ.
Сухани ширин аз зуфт наёрад бар,
Буз ба буҷ-буҷ-бар ҳаргиз нагиавад фарбеҳ.

Ин ҷо як нуктаи аҷиб боиси таъкид ва қобили ёдоварист, ки дар адабиёти ғании тоҷикӣ-форей аксаран зери ибора ва таъбири «сухани ширин» шоирону нависандагони классику муосири мо «ҳарфи дилчасп», «лафзи гуворо», «гатя нагз» ва амсоли инҳо барин

---

[1] Рудакӣ. Шеърҳо (Муратхиб. муаляифи сарсухан ва тавзехот Расул Ходизода). - Душанбе; Деваштич, 2003. - 124 с. Микбаъд манбаи асосии рубоиёти Рӯдакӣ ҳамин сарчашма аст.

ибораҳоро дар мавриди «тавоної»-и сухан истифода кардаанд. Яъне дар мавриди «сухани ширин» - одатан «сеҳр»-у «тавоної»-и суханро дар назар доранд ва маъмулан масали «бо сухани ширин мор аз хонааш берун мешав ад»- ро истифода мебаранд. Вале устод Рӯдакӣ дар рубоии мазкур дигар паҳлӯи «сухани ширин»-ро ба маънои «бо ҳалво гуфтан даҳон ширин намешавад» истифода намуда, таъкид кардааст, ки барои фарбехшавии буз ғизои моддӣ лозим аст, на сухани ширини «буҷ-буҷ-бар».

Тақдир, ки бар куштанат озарм надошт,
Бар ҳусну ҷавони-т дили норм надошт.
Андар аҷабам зи ҷонситон, к-аз чун туе,
Ҷон бистоду аз ҷамоли ту шарм надошт.

Дар рубоии мазкур таъбири маъмули «дили нарм» ба маънои «раҳмдилӣ», бо таъбири «ҷон ситонидан» ба маънои «қатл кардан, қуштан» мавриди истифода қарор гирифта, «раҳмдилӣ» бо «бераҳмӣ» дар тазоди якдигар муқоиса шудааст. Албатта, дар мавриди баён кардани мазмуни калимаву иборахои «тақдир» ва «қазову қадар» одатан «бераҳмӣ» бар «рахмдилӣ» галаба мекунад. Ба ҳамин мазмун байта зайли Бедилро ёдовар мешавем:

Бори мо аз шиша асту метарсад аз таъсири санг,
Хонаи маллоҳ дар Чин асту киштӣ дар Фаранг.

Яъне вақте ки «қазову қадар» буд шуд ва «аҷал даррасид» Ҷонофарин интизор намешавад, ки маллоҳи чинӣ аз Фарангистон ба хонааш баргардаду пас чонаш ситонида шавад.

Ҳамин тариқ, мо дар рубоиҳои минбаъдаи устод Рӯдакӣ таъбирҳоро ба ҳуруфи равшан ҷудо намуда, дар фарҷоми мақола таъбирҳои дар рубоиҳои устод истифодашударо ҷудогона нишон додаем, ки ахамияти адабӣ-бадеӣ ва таълимиву фалсафӣ доранд.

- *Дар раҳгузари бод чароге, ки турост,*
  Тарсам, ки бимирад аз фароге, ки турост.
  Буйи ҷигари сӯхпга олам бигирифт,
  Гар нашнидӣ, зиҳӣ димоге, ки турост.

Ҷуз ҳодиса ҳаргиз талибам кас накунад,
Як пурсиши гарм ҷуз табам кас накунад.
В-ар ҷон ба лаб оядам, ба ҷуз мардуми чашм

Як қатраи об бар лабам кас накунад.

Номат шунавам, дил зи фараҳ зинда шавад,
Холи ман аз икболи ту фархунда шавад.
В-аз гайри ту ҳар ҷо сухан ояд ба миён,
Хотир ба ҳазор гам пароканда шавад.

Ҳон, ташшаҷигар, мачӯй з-ин бог самар,
Бедиетонест ин риёзи ба ду дар.
Беҳуда мамон, ки богбонат ба қафост,
Чун хок нишаста гиру чун бод гузар.
Дар ҷустани он нигори пуртнаеу ҷанг, ,
Гаштем саропойи ҷаҳон бо дили танг.
Шуд даст зи кору монд по аз рафтор,
Ин баски ба сар задену он баски ба санг,
Бар ишқи туам на сабр пайдост, на дил,
Бе рӯйи туам на ақл бар ҷост, на дил.
Ин гам, ки марост, кӯҳи Коф аст, на гам,
Ин дил, ки турост, сами хорост, на дил.
Дар манзили гам фиканда мафраш моем,
В-аз оби ду чашм дил пуроташ моем.
Олам чу ситам кунад, ситамкаш моем,
Дасти хуШирӯзгори нох(в)ш моем.
Дар ишқ чу Рӯдакӣ шудам сер аз ҷон,
Аз гиряйи хунин мижаам шуд мар ҷон.
Алқисса, ки аз бими азоби ҳиҷрон Дар оташи
рашкам дигар аз дӯзахиён.
Чун кори дилам зи зулфи ӯ монд гираҳ,
Бар ҳар раги ҷон сад орзу монд гираҳ.
Уммед зи гиря буд, афсӯс-афсӯс,
К-он ҳам шаби еасл дар гулу монд гираҳ.
Дил сер нагардадат зи бедодгарӣ,
Чашм об нагардадат чу бар ман нигарӣ.
Ин турфа, ки дӯсттар зи ҷонат дорам,
Бо он ки зи сад ҳазор душман батарӣ.
Бо дода ҷаноат куну бо дод бизӣ,
Дар банди такаллуф машае, озод бизӣ!
Дар беҳ зи худе назар макун, гусса махур,
Дар кам зи худе назар куну шод бизӣ!

Ҳамин тариқ, таъбирҳои зерин дар рубоиёти устод Рӯдакӣ мавриди истифода карор гнрифтаанд; «рӯзи нек», «ғам хурдан», «чашми хирад», «сухани ширин», «дили нарм», «ҷон ситонидан», «ҷигари сӯхта», «пурсиши гарм», «ҷон ба лаб омадан», «дил зи фарах зйнда шудая», «ташнаҷигар», «дили танг», «гами чун кӯҳи Коф», «дили санги хоро», «дил пуроташ», «дасти хуш», «сер аз ҷон», «гиряйи хунин», «кори дар дил гираҳ», «гиряи дар гулу гираҳ», «дили сер», «гусса хурдан».

Бояд гуфт, ки пас аз мутолиа ва таҳлили рубоиёти шоир ва мутафаккири барҷастаи Шарки мусулмонӣ, асосгузори адабиёти классикии форсу тоҷик ва поягузори афкори педагогии халки тоҷик устод Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ба хулоса омадан мумкин аст, ки ӯ натанҳо бо асарҳои панду ахлокӣ ва касидаву қитьаву ғазалҳои равони худ, балки инчунин бо рубоиёти пур аз панду андарзаш, ки дар ҳар кадомаш «таъбир» мақоми муайяне дорад, ба ташаккули афкори педагогии халқи тоҷик саҳми бузург ва нақши боризе гузоштааст,

Худжаби Каримова

ФРАЗЕОЛОГИЯ В ЧЕТВЕРОСТЫШЯ АБУАБДАЛЛАХА РУДАКИ И ЗНАЧЕНИЕ ЕГО ОБУЧЕНИИ

В данной статье рассматривается фразеология в четверостишиях основоположника персидско-таджикской классической литературы Абуабдаллаха Рудаки.

Khujabi Karimova

PHRASEOLOGY IN THE ABU ABDALLAH RUDAKFS RUBAIS AND ITS IMPORTANCE IN THE FIELD OF EDUCATION AND TEACHING

The article discusses the problems of using phraseology in the Rudaki's rubais and its importance in the field of education and teaching.

Назаров НО.

ИЗУЧЕНИЕ СЕМАНТИЧЕСКИХ СТРУКТУР ФРАЗЕОЛОГИЗМОВ С СОМАТИЗМОМ SAR В ИШКАШИМСКОМ ЯЗЫКЕ

В число наиболее важных проблем исследования фразеологии входит анализ фразеологизмов в аспекте семантической организации ФЕ, систематизация и классификация фразеологической системы языка в данном аспекте. Исследование этой проблемы еще более становится актуальным на примере бесписьменного языка, фактически свободного от влияния нормированной формы языка, каким является литературный язык, прежде всего, фиксирующейся в письменной формы. Исходя из этого в данной статье анализируются категориально-семантические особенности соматических

фразеологизмов с лексемой *sar* ‘голова’ в ишкашимском языке-в одном из бесписьменных языков Памира.

Языковой материал по соматическим фразеологизмам ишкашимского языка подтверждает вывод исследователей соматических фразеологизмов различных языков о том, что лексемы, используемые в значении "голова", в любом языке являются одними из наиболее продуктивных соматизмов в процессе образования устойчивых синтаксических конструкций.

Соматическая лексема *sar* ‘голова’ является наиболее употребительной фразеообразовательной лексической единицей в составе соматических фразеологизмов ишкашимского языка. Проявляя высокую степень полисемии и употребления в переносном значении, соматизм *sar* в ишкашимском языке широко используется для образования фразеологически связанного значения и устойчивых синтаксических конструкций, что объясняется, прежде всего, исключительно важной ролью головы в функционировании человеческого организма в целом. В целом, обобщая результаты анализа, необходимо указать на то, что семантическое поле фразеологизмов с компонентом *sar* ‘голова’ включает наиболее типичные микросистемы семантического поля, образуя семантико-тематические подгруппы, приводимые ниже.

Прежде всего, следует выделить ФЕ, в которых *sar* ‘голова’ является субститутом лексемы одам "человек": *кь ukyor sar /ри* - букв.: на чья-л. голову / ногу; *uk sar* (букв.: одна голова) - человек, одинокий *(ик*sar-i *qoqрь uk sar-i daTt xon* - один человек на огромный дом).

I. ФЕ, характеризующие *внешние и внутренние данные и внешний вид человека*, которые подразделяются на подгруппы:

1) общее обозначение: *sar-ы ги* (букв.: голова и лицо) - ‘внешность’; 2) обозначающие понятие ‘стареть’: *i sar safed sbdiik* (букв.: его голова поседел) - *sar safed къпйк* - седеть, стареть, из - за, чего - нибудь; 3) цвет лица; *barf-i / warf-i sar-i ku(h)* (букв.: снег на вершины горы) - человек белого цвета; 4) внешняя форма головы: *moku-sar* (букв.: голова - ткацкий челнок) - челнокоголовый (прозвище неодобр.); *bibuk sar* (букв.: удод голова) - (прозвищ, неодобр.) острая голова: *pocub sar* (букв.: колодка-голова) - остроголовый (неодобр.). Сравните также: *gabalok sar.*; *sar dewol sbduk* (букв.: моя голова как стена стала) - не причёсанный, лохматый: *odamsar* - лысый и др.; 6) ФЕ, связанные с понятием имущественного положения: *be sar kalowa // odam-i be sar-ы kalowa* - (букв.: без конца нити в клубке, человек без головы и клубка), человек, не помнящий имени своего; без родов, без племени; 7) *sar сь song suk* - выносливый

II. ФЕ, служащие для выражения *психического состояния человека:*

1) радости: *mь sar рь osmon it* (букв.: моя голова на небо достигло) обрадоваться; беспредельная радость; 2) плохого самочувствия,

растерянности, *sar carx duk; sar/ъг уъгзйк; sargardhk зйк* - (букв.: голова вертится / крутится) - голова идёт кругом /головокружение': *na xi sar-s avir-ып na xi bar // na sar-bt bar // xi sar – bt bar apnisuk / na aviruk* (букв.: ни свою голову нахожу, ни грудь (тело) - ни конца ни края (не видно), растеряться; запутаться в чём-л; попасть в безвыходное положение; *yazi, къ -sex-sar-bt* (букв.: как буд-то сидеть на колючке); 3) стыда: *sar хат '* опустить голову; / *sar pi peyar vis* - (букв.: у него голова под под животом (птицы) - (иронич.) 1) опозориться, 2) сильно смущаться, конфузиться; *saru past kul / sarpasti-i ktil* (букв.: 'голову отпустил') - опозорить; стыдить, смущать кого-либо; 4) обижаться, огорчаться, недовольствоваться: *ръ xi sar-o duk* (в шлову бить) -выражать недовольство; *i sar-bs къ тъс-bv na-xafsu* - (букв.: её голова к нам (в нашу сторону) не кланяется), - не признать; презирать кого-л.не уделять внимания; *хоп къ xi sar zonuk // xasuk* - (букв.: дом на голову поднять / таскать) - огорчаться, скорбеть, горевать, изводиться от горя; беспрестанно плакать, реветь, рыдать; *xi sar-i past wet /7xi sar-i reSuk* - (букв.: голову распустить) - горевать, скорбеть; 5) печалиться, горевать, сожалеть: *sar ръ cal-ък/damaxa/къпък (damn) duk* - (букв.: голову в подувало / хижина запыхать (спрятать) - 1) горевать, унывать; 2) отречся от всех близких, 'заживо себя похоронить', *гесьп къ xi sar xasuk* - (букв.: 'тянуть на себя *гесьп* (специальное отверствие, окно на крыше памирского дома)'[24]; *xi sar tar sbtin diik* (букв.: свой голову ударить об столб (доме) - горевать, печалиться; 6) беспокойствия , бессоницы: *sar tar voEd nawediik* - (букв.: голову на подушку не класть) - не спиться, глаза не сомкнул; *sargardbk siik-* (букв.; голова закружилось) 'голова кружится[5]; 7) гневаться: *ръ sar-i qar* - (букв.: в голове - гнев) под горячую руку; гневаться; *ba sar-i ukyorfuy къпйк* (букв.: на голову нападать) - сильно разозлиться на кого-л, нападать, озлобляться; 8) переживать, убиваться, сожалеть, раскаиваться: *ръ xi sar-o diik / ръ xi sar duk* - (букв.: в головах своих ударить); *xi sar tar dewol ськйк // ръ xi sar-o duk* - *{букв.:* свой голову ударить об стенке) - убиваться, мучиться от горя; 9) гордиться: *ti 'sar-bo ybrs-ът! / bbgard-ът!* - (букв.: [вокруг] твоей головы покружусь) браво тебе!, молодец! *къ ml sar gap duk* (букв.: над клювой разговаривать с кем-л): общаться с высока., не признавать кого-л.; 10) испытывать

---

[24] Обряд похорон (З.Н.) в случае смерти молодого человека накануне свадьбы иногда устраивается нечто подобно драматическому' представлению: его мать отрезает одну косу *(xi sbyirnd qalam du),* опоясывается верёвкой *(xi med vundu* т«Т - *gut),* закрывает световое отверстие в крыше на потолке *(гесьп къ xi sar xa Тик)* и т.п Последнее действие - закрыть световое отверстие *(гесьп къ xi sar xaТйк)* и остаться днем в темноте - означает, что для матери с кончиной единственного сына наступает койец света. Возможно, отсюда бранная идиома: *ti гесьп хаТып!* 'закрываю твое отверстие!' (т.е. "будь все проклято в этом доме!"), *fai talx mar aka amsira гесьп къ xi sar xaTduk* - такой тяжелый траурный процесс у этой сестры [См,: Назарова 2001].

ложные надежды: *sar kata къпйк* (букв.: голова большой сделать (раздувать) - непосильную ношу брать на себя.

III. Морально-нравственная ог{енка поведения человека и его характера: 1) ФЕ, связанные с понятиями "бесстрашие", "смелость": *sar daiyiik - (букв.:* голову отдавать), ‘ручаться головой’, ‘быть готовым отдать свою жизнь’: 2) ФЕ, выражающие понятия ручаться, обязаться: *кь xi- sar zonuk-* (букв.: брать на свою голову); 3) ФЕ. связанные с понятием быть верным своему слову: *сь xi gap sar nasbxsuk* - (букв.: от слов = головы (начальное слово) не перейти (не отрекатъ); *кь xi gap sar aliik* - (букв.: на (голове) начато своё слово остановись); 4) ФЕ, выражающие понятия болтливый, скандальный, излишне активный: *i sar tar darsara nbst-bt i pu tar pbmic* - (букв.: ее голова на дверную балку нет [не достигает], а ее ноги на пороге):[25] ; *ръ sar-bt ru arazuk* - (букв.: прыгать на голову и лицо) - непослушный, шаловлый; 5) ФЕ, обозначающие понятие быть помехой, обузой: *sarbori тк* - (букв.: груз на голове стать) - мешать, быт обузой кому-л.; *кь тъ sar balo Sbd* - (букв.: на голову несчасье стал), стать обузой; 6) ФЕ, выражающие понятия зазнайствовать; *sar ръ falak* - (букв.: голова на небо) - зазнайка, высокомерный, чванливый; *кь toy- sar suwor Тйк* - (букв.: вставать на макушке головы) - обнаглеть; 7) ФЕ, обозначающие понятие двуличествовать: *tbrozu sar-i kasu* - (букв.: смотреть на чашки весов; 7) ФЕ, обозначающие понятие жертвовать *sadqa-i sar къШк* -(букв.: (в)жертву голову делать) и др.

IV Межличностные отношения: 1) ФЕ, связанные с понятием проклинать: *съ to to-t sar! /сь xi to to-t sar!* - (букв.: с (от) головы (твоего, своего) прадеда); *кь toy-i sar isi /xafsi!* кого-н., (букв.: а макушку головы [чтоб] пришло/ спускалось): сгинуть; *ть кь(о кь ti sar’* - (букв.: моя тюбетейка на твою голову): чтобы тебя достигло моя участь; *сь sar fbristik* - (букв.: оставаться от головы) оставаться проклятым; напрасно исчезать; зря растрачивать; *рь ti to-to-t sar! рь ti to(t) kala sox/* - (букв.: в голову твоего деда / в голову=рога отца твоего, в рогу твоего отца) (ругать) - да будет проклят твой дед, чтобы твоему отцу было худо, чтобы он ударился головой; *гьТт кь ti sar!* ~ (букв.: огонь на твоей голове! огонь тебе на голову!) (заклин.) - навлечь беду на кого-л., принести несчастье кому-л.; *ti pul ti sar хат!* - (букв.: [пусть] твои деньги голову тебе сожрут); *ti sar рь gtir!* - (букв.: твоя голова в могиле); *ti savz tar тъ sar* - (букв.: твой синий (траурный) платок на моей голове)[14]; *кь ри sii-i кь sar isi!* - (букв.: на ногах уйдешь, на голове придешь); 2) ФЕ, выражающие понятия принести клятву: *sar-i xi uk toqa zas!* '/ *кь xi йк toqa*

---

[25]На Памире женщинам во время похорон близкого человека и после панихиды в знак траура некоторое время принято носить зеленые или синие платки, платья.

